ISSN 2090 – 3567

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТ

**ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ**
**ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ

**CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE**
**PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

# INTERNATIONAL RELATIONS AND SECURITY

**№1 (9) 2024**

**Душанбе – 2024**

**Муассис:** Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2022 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Учредитель:** Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан
Журнал основан в 2022 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

**Founder:** Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan
The journal was founded in 2022. The journal is published four times per year.

**Сармуҳаррир**

**Усмонзода Х.У.,** доктори илмҳои фалсафа

**Ҳайати таҳририя**

**Зиёӣ Х.М.,** доктори илмҳои фалсафа,
**Муҳаммад А.Н.,** доктори илмҳои сиёсӣ,
**Қурбонов А.Ш.,** доктори илми фалсафа,
**Хидирзода М.У.,** доктори илмҳои фалсафа,
**Муҳаммадзода П.А.,** доктори илмҳои сиёсӣ,
**Майтдинова Г.,** доктори илмҳои таърих,
**Саидов А.С.,** доктори илмҳои фалсафа,
**Одинаев Ҳ.,** доктори илмҳои иқтисодӣ,
**Саидмуродов Л.Х.,** доктори илмҳои иқтисодӣ,
**Раҳимзода Ш.,** доктори илмҳои иқтисодӣ,
**Додихудоев Х.,** номзади илмҳои сиёсӣ,
**Сафарализода Х.Қ.,** номзади илмҳои сиёсӣ,
**Давлатов Р.,** номзади илмҳои фалсафа,
**Олимзода В.,** котиби масъул.

**Перевод и редактура таджикских текстов:** Давлатов З., Сатторов Қ.,
**Перевод и редактура русских и английских текстов**: Мансур С., Эмомализода К.
**Технический редактор:** Олимзода В.

**Подписной индекс журнала:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 89. Тел: (992 37) 221-11-00, 221-16-36; e-mail: info@mts.tj

# МУНДАРИҶА

## СИЁСАТШИНОСӢ

*НАҚШИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ БИСЁРСАМТАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ*
**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН........................................................9**

*САТҲУ МУҲТАВО ВА ДУРНАМОИ ШАРИКИИ ТОҶИКИСТОНУ ЛАҲИСТОН*
**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОҲ АБДУВАҲҲОБ,**
**ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ...............................................18**

*ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ*
**САФОЛЗОДА МУҲАММАДӢ ҚУРБОН..................................................34**

*ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ–ЗАХИРАИ КАЛИДӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ*
**ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМҶОНОВИЧ...........................................46**

*ТАҲДИДУ ХАТАРҲО БА СУБОТИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ ТАВСЕАИ ФАЗОИ НОУСТУВОРИ СИЁСӢ ДАР АФҒОНИСТОН*
**АБДУҶАББОРОВ МАЪРУФҶОН АБДУАЗИЗОВИЧ.............................55**

*РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ*
**РАШИДОВ БАХТОВАР ЗАРИФОВИЧ.....................................................71**

## ИҚТИСОДӢ

*ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ–ҚАДАМҲОИ УСТУВОР ДАР РУШДИ НИЗОМИ САНОАТИ МИЛЛӢ ВА ТАҚВИЯТИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ КИШВАР*
**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ.........................................................................83**

*РАВАНДҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИСТЕҲСОЛИИ ШАКАР АЗ ЛАБЛАБУИ ҚАНД ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУЪРАТИ КИШВАР*
**РУСТАМҶОНИ САЙДУЛЛОИ ҚУЗРАТЗОДА,**
**СУЛТОНОВ СОТИМ СУЛТОНОВИЧ,....................................................93**

*ТАКМИЛИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ*
**ОДИНАЕВ АМИН ИБРОҲИМОВИЧ.......................................................107**

*ТАҲЛИЛИ РЕГРЕССИОНИИ БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ БА РУШДИ БАХШИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУТАҚОБИЛАН ТАЪСИРРАСОН*
**ҒОИБОВ МАНУЧЕҲР АМОНУЛЛОЕВИЧ,**
**ШАРИФЗОДА ФИРДАВСӢ ҲАБИБ.......................................................117**

## ФАЛСАФА

*АФЗАЛИЯТҲО ДАР ИЛМ – РОҲ БА СӮЙИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕА*
**ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ,**
**ИСМАТОВА ЗАРРИНА БОБОМУРОДОВНА........................................127**

*ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ЗАМОНАВӢ ВА ТАРҒИБИ КАСБУ ҲУНАР, МАСОИЛИ МЕҲВАРИИ ТАЪЛИМОТИ МАОРИФПАРВАРӢ-ИСЛОҲТАЛАБИИ МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ*
**САМИЕВ БОБО ҶУРАЕВИЧ..................................................................137**

*МАСЪАЛАҲОИ ФАЗИЛАТИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ИҶТИМОИЮ АНТРОПОЛОГИИ ОЛИМОНИ ДАВРАИ МАОРИФПАРВАРИИ АВРУПО*
**МИРЗОШОҲРУХ АСРОРӢ.....................................................................150**

*МАСЪАЛАҲОИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ЗАБОНӢ*
**РАСУЛЗОДА РУХСОРА.......................................................................161**

# СОДЕРЖАНИЕ

## ПОЛИТОЛОГИЯ

*РОЛЬ ПОСЛАНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ В МНОГОВЕКТОРНОМ РАЗВИТИИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА*
**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН……................................................9**

*УРОВЕНЬ, СОДЕРЖАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ПАРТНЕРСТВА ТАДЖИКИСТАНА И ПОЛЬШИ*
**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОХ АБДУВАХХОБ,**
**ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОХ................................................18**

*РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН И СОВРЕМЕННЫЙ МИР*
**САФОЛЗОДА МУХАММАДИ КУРБОН..................................................34**

*СОЦИАЛЬНАЯ СПЛОЧЕНОСТЬ–КЛЮЧЕВОЙ РЕСУРС В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ЭКСТРЕМИЗМУ И МЕЖДУНАРОДНОМУ ТЕРРОРИЗМУ*
**ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМДЖОНОВИЧ........................................46**

*ВЫЗОВЫ И УГРОЗЫ БЕЗОПАСНОСТИ ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОГО РЕГИОНА НА ФОНЕ НАРАСТАЮЩЕГО ХАОСА ВО ВНУТРИПОЛИТИЧЕСКОЙ ОБСТАНОВКЕ В АФГАНИСТАНЕ*
**АБДУДЖАББОРОВ МАЪРУФДЖОН АБДУАЗИЗОВИЧ......................55**

*СОВРЕМЕННЫЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ В ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОМ РЕГИОНЕ*
**РАШИДОВ БАХТОВАР ЗАРИФОВИЧ......................................................71**

## ЭКОНОМИКА

*ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА–УСТОЙЧИВЫЕ ШАГИ РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ И УКРЕПЛЕНИИ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ*
**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,...........................................................................83**

*ХОЗЯЙСТВЕННЫЕ ПРОЦЕССЫ И ПРОИЗВОДСТВО САХАРА ИЗ САХАРНОЙ СВЕКЛЫ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ*
**РУСТАМДЖОНИ САИДУЛЛОИ КУЗРАТЗАДЕ,**
**СУЛТОНОВ СОТИМ СУЛТОНОВИЧ,.....................................................93**

*СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО БИЗНЕСА КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ*
**ОДИНАЕВ АМИН ИБРАГИМОВИЧ........................................................107**

*РЕГРЕССИОННЫЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ФАКТОРОВ ВЗАИМОВЛИЯЮЩИХ НА РАЗВИТИЕ СТРАХОВОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*
**ГОИБОВ МАНУЧЕХР АМОНУЛЛОЕВИЧ,**
**ШАРИФЗОДА ФИРДАВСИ ХАБИБ.........................................................117**

**ФИЛОСОФИЯ**

*ПРИОРИТЕТЫ В НАУКЕ – ПУТЬ К УСТОЙЧИВОМУ РАЗВИТИЮ ОБЩЕСТВА*
**КУРБОНОВ АБДУРАХМОН ШЕРОВИЧ,**
**ИСМАТОВА ЗАРРИНА БОБОМУРОДОВНА........................................127**

*ИЗУЧЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ НАУК И ПРОПАГАНДА ПРОФЕССИОНАЛНЫХ НАВЫКОВ КАК КЛЮЧЕВЫЕ ВОПРОСЫ ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-РЕФОРМАТОРСКОГО УЧЕНИЯ МИРЗО СИРОДЖИ ХАКИМА*
**САМИЕВ БОБО ДЖУРАЕВИЧ.................................................................137**

*ПРОБЛЕМЫ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ДОСТОИНСТВА В СОЦИАЛЬНО-АНТРОПОЛОГИЧЕСКИХ УЧЕНИЯХ ЭПОХИ ЕВРОПЕЙСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ*
**МИРЗОШОХРУХ АСРОРИ......................................................................150**

*СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ЯЗЫКОВОЙ ПОЛИТИКИ*
**РАСУЛЗОДА РУХСОРА.........................................................................161**

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCE

THE ROLE OF THE ADDRESS OF THE LEADER OF THE NATION IN THE MULTI-VECTOR DEVELOPMENT OF INDEPENDENT TAJIKISTAN
**USMONZODA KHAYRIDDIN USMON........................................................9**

LEVEL, CONTENT AND PROSPECTS OF PARTNERSHIP BETWEEN TAJIKISTAN AND POLAND
**SHARIFZODA ABDUFATTOH ABDUVAHHOB,**
**SHARIFZODA FIRDAVS ABDUFATTOH,................................................18**

THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND MODERN WORLD
**SAFOLZODA MUHAMMADI QURBON.....................................................34**

SOCIAL COHESION – A KEY RESOURCE IN COUNTERING EXTREMISM AND INTERNATIONAL TERRORISM
**DODIKHUDOEV KHURSHED AZAMJONOVICH...................................46**

CHALLENGES AND THREATS TO THE SECURITY OF THE CENTRAL ASIAN REGION AGAINST THE BACKDROP OF EXPANDING POLITICAL INSTABILITY IN AFGHANISTAN
**ABDUJABBOROV MARUFJON ABDUAZIZOVICH................................55**

MODERN GEOPOLITICAL PROCESSES IN THE CENTRAL ASIAN REGION
**RASHIDOV BAKHTOVAR ZARIFOVICH................................................71**

## ECONOMY

ADDRESS OF THE PRESIDENT- SUSTAINABLE STEPS IN DEVELOPING THE NATIONAL INDUSTRIAL SYSTEM AND STRENGTHENING THE COUNTRY'S EXPORT POTENTIAL
**MURTAZOZODA ORAZ..........................................................................83**

ECONOMIC PROCESSES AND SUGAR PRODUCTION FROM SUGAR BEET AS A FACTOR IN ENSURING FOOD SECURITY AND INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY
**RUSTAMJONI SAIDULLOI QUZRATZODA,**
**SULTONOV SOTIM SULTONOVICH,........................................................93**

IMPROVEMENT OF THE TAXATION SYSTEM FOR THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE BUSINESS, AS AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING ECONOMIC SECURITY
**ODINAEV AMIN IBROHIMOVICH..........................................................107**

REGRESSION ANALYSIS OF SOME FACTORS MUTUALLY INFLUENCING THE DEVELOPMENT OF THE INSURANCE SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
**GHOIBOV MANUCHEHR AMONULLOEVICH,**
**SHARIFZODA FIRDAVSI HABIB..............................................................117**

## PHILISOPHY

PRIORITIES IN SCIENCE – THE PATH TO SUSTAINABLE SOCIETY DEVELOPMENT
**QURBONOV ABDURAHMON SHEROVICH**
**ISMATOVA ZARRINA BOBOMURODOVNA.........................................127**

*LEARNING MODERN SCIENCES AND PROPAGANDA OF PROFESSION SKILLS AS KEY ISSUES OF MIRZO SIROJI HAKIM'S EDUCATIONAL REFORMIST TEACHINGS*
**SAMIEV BOBO JURAEVICH.................................................................137**

PROBLEMS OF HUMAN DIGNITY IN THE SOCIO-ANTHROPOLOGICAL TEACHINGS OF THE EUROPEAN ENLIGHTENMENT
**MIRZOSHOHRUKH ASRORI....................................................................150**

STRATEGIC ISSUES OF LANGUAGE POLICY
**RASULZODA RUKHSORA.......................................................................161**

**УДК: 323**

# НАҚШИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ БИСЁРСАМТАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 372-27-67-28; e-mail:khidiev@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи худ зарурати дарки муносиби муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»-ро барраси намуда, асосҳои захиравии ҷомеаро барои баромадан ба сатҳи нави рушду пешрафт бар зидди буҳронҳои шадиди ҷаҳони имрӯза нишон додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки зарурати омӯзишу таблиғи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияте аст, ки метавонад ба манфиати афзоиши қудрати ҷавобгӯйи муносиби ҷомеаи тоҷик ба тамоюлоти на ҳама вақт пурра пешбинишавандаю ҳассоси замони муосир хизмат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Паём, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат, сиёсат, сиёсати хориҷӣ, сиёсати дохилӣ, санад, ҳуқуқ, рушд.*

Паём яке аз муҳимтарин санадҳои барномавие аст, ки дар он на танҳо воқеияти имрӯз, балки эҳтимоли равандҳоиояндаи дохилӣ, минтақавӣ ва глобалӣ аз нигоҳи илмӣ баён гардидааст. Аз ин рӯ, Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро бо камоли дақиқият ва аз лиҳози таҳлилҳои воқеъбинонаю дурандешона муайян менамояд ва барои мардуми мамлакат чун дастури раҳнамо ба сӯйи созандагию бунёдкориҳои нав хизмат менамояд. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ диди хеле амиқ ва ҳаматарафа санҷидашуда доир ба таҳлили вазъи мавҷудаи

ҳаёти ҷомеа ва пешбинии самти инкишофу пешрафти он барои солҳои минбаъда ҷой дода шудааст.

Мутолиа ва дарки муносиби муҳтавои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳар сокини мамлакатро ба он умедвор менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба вазъи мураккаби сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир зарфияти тавалллуҳи худро ба беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагии мардум тақвият дода, кафолати ҳаёти осоиштаю шоистаро истеҳком мебахшад. Муқоисаи рақамҳои оморие, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нишон додани суръати рушди ватанамон оварда шудаанд, дар замири ҳар фарди ин диёр ҳисси баланди ифтихору масъулиятро ҷой медиҳад. Ҳамаи ин гувоҳи равшани он аст, ки зарфияти посухгӯйии давлатамон ба масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти ҷомеа дар ин давраи мураккаб хеле муносибу умедворкунанда мебошад.

Паём матни комили сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқие аст, ки бе дарки банду басти таркибияш мазмуну ҳадафи онро дарк намудан мушкил аст[4]. Интихоби равиши муносиби мантиқӣ барои мутолиаи мақсадноки муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Барои ин истифода аз нозукиҳои барои исботи фикру андешаҳои муҳим дар матн ҷойдошта ҷолиб аст. Дар ҳамин маврид санъати исботи мантиқӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар матни Паём муҳокимаю қазоватҳои калидӣ пайдо намуда, онҳоро бо тартиб пайи ҳамдигар ҷой диҳем.

Агар аз ин мавқеъ ба матни Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ назар андозем, пас мебинем, ки тезисҳои калидии он аз 13 банди муҳимтарин иборат мебошанд, ки онҳоро ба таври зерин метавон баён намуд:

— Пеш аз ҳама, дар матлаи баёни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъкид шудааст, ки соли 2023 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир боз як соли бобарор гардид [1]. Чунин баҳогузорӣ тасаввуроти сокинони мамлакатро ба тавонмандию манзалати низоми ҷории сиёсии мамлакатамон устувортар менамояд ва он кафолати таҳкими суботи ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Зеро саодати инсониро аз он низоми иҷтимоию сиёсие метавон интизор шуд, ки дороии ҷамъиятиро ҳамеша барои хизмати бештару саривақтии мардум новобаста аз мақоми иҷтимоияшон, балки танҳо ба хотири узви иттиҳоди як ҷомеаи инсонӣ буданашон пешниҳод намуда метавонад. Ҳодисаҳои охири ҷаҳони имрӯз гувоҳи равшани он мебошанд, ки дар сурате, ки баъзе кишварҳо бар асари

арзишҳои мафкуравӣ чунин дороиҳоро дар ихтиёри гурӯҳи маҳдуди молиявӣ қарор медиҳанд, ё баъзеашон дучори даргириҳои дохилӣ ҳастанд, мутаассифона, қобилияту имконияти сари вақт ба мушкилоти фавқулодаи мардум расиданро аз даст медиҳанд ва боиси афзоиши қурбониҳои зиёд мегарданд.

Ҳамин тавр, соли 2023 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо азму талоши собитқадамона тавонист пешрафти ҳамаҷониба ва устувори соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро, новобаста аз тамоюлҳои манфии низоми иқтисоди ҷаҳонӣ таъмин намояд. Дастовардҳои мамлакатамон дар соли 2023 баёнгари сиёсати созанда ва мутавозини роҳбарияти олии давлатамон мебошад, ки он дар дохил ва сатҳи байналмилалӣ ҷонибдории ҳамаҷониба дорад. Муваффақияти дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба даст омада имкон фароҳам овард, ки сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат беҳтар гашта, тамоюлоти пешрафти устувору дарозмуддати он таъмин шавад. Ҳанӯз ҳам тамоюли барқароршавии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ноустувору аз бисёр ҷиҳат равшан нест. Бинобар ин, бо пайравӣ аз ҳидоятҳои Президенти Тоҷикистон сари вақт имконияти ҷориро дарк ва истифода бурдан барои таъмини инкишофи ҷомеа муҳим аст. Мо бояд ҳамқадами замон пеш рафта, дар ҳоле, ки олам нисбат ба садсолаи охир тағйироти ҷиддиро пушти сар менамояд, онро ба манфиати рушди ватанамон истифода барем.

Қазовати дигари калидии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода ёфтааст, ки Ҳукумати мамлакат барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат дар се соли оянда низ хароҷоти буҷавиро афзоиш медиҳад. Ҳадафҳои пешбининамудаи он бештар ба модернсозии иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ баҳри устувор намудани заминаҳои рушди устувори давлат равона шудааст. Дар ин самт истифодаи оқилонаи захираҳои табиии ҷумҳурӣ, махсусан захираҳои инсонӣ дар заминаи технологияҳои наву инноватсионӣ, дар асоси самтҳои афзалиятноки муайяншуда ва барномаҳои стратегии рушди мамлакат пешниҳод шудааст. Фановариҳо яке аз муҳаррикони муҳими рушди имрӯзаи инсоният ба шумор меравад ва татбиқи инноватсияю технологияҳои рақамӣ ба ин мақсад нигаронида шудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардид, ки сол то сол бо мушкилӣ фаъолият намудани ҳалқаҳои силсилаи робитаҳои иқтисодӣ дар мамлакат аз байн меравад. Яке аз омилҳои дохилии нигоҳдории ҳамбастагии ҳалқаҳои фаъолияти иқтисодӣ

татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат- саноатикунонии босуръат аст. Зеро дар мавриди эҷоди ҷойҳои нави кории тавассути истеҳсоли саноатӣ ба вуҷуд омада, зимнан он ба шакли мултипликатсионӣ самара дода, боиси эҷоди ҳалқаҳои бешумори таъмини ҷойҳои дигари нави корӣ ва фаъолияти пурсамари меҳнатӣ мегардад.

Ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷаи давлатӣ, самаранокии хароҷоти он раванди рақамикунонии молияву андоз густариш дода мешавад. Барои рушди иқтисоди рақамӣ таҳияи якчанд стратегия ва барномаҳои дахлдор аз ҷониби Ҳукумати мамлакат қабул гардид, аз ҷумла «Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷорати электронӣ», «Консепсияи ҳукумати электронӣ» ва «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ пайваста чораҷӯйӣ менамояд. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ идомаи чунин равиши самарабахши дастгирии фаъолнокии субъектҳои соҳибкории мамлакат барои соли 2024 низ ба миён гузошта шуд. Таъкид гардид, ки шумораи соҳибкорон дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид. Соли 2023 аз ҷониби соҳибкорон 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи кор сохта, ба истифода дода шудааст. Барои баланд бардоштани имконияти сармоягузорӣ ба мамлакат стандартҳои миллии экологиву иҷтимоӣ ва идоракуниро дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таҳия намудан зарур дониста шуд.

Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи давлат дониста шуда, тавассути онҳо барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда мешавад. Давоми солҳои истиқлолият 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи кор сохта шудааст. То соли 1991 ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ буд. Иктишоф ва барои истифодаи саноатӣ омода намудани конҳои канданиҳои фоиданок аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим дар самти таъмини саноатикунонии босуръати мамлакат арзёбӣ гардид. Нақши соҳаи энергетика ба рушди саноатикунонии мамлакат мусбат арзёбӣ гардида, дастур дода шуд, ки бояд дар се соли минбаъда истеҳсоли он ба 10 миллиард мегаватт расонида шавад.

Тезиси дигари калидии Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз он иборат аст, ки солҳои охир тағйирёбии

иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ таҳти таъсири манфии худ қарор додааст. Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ камтарин партовҳои CO2 ба ҳар сари аҳолӣ дорад ва ҳамагӣ тақрибан 2−3% аз ҳаҷми умумии партовҳои CO2 дар минтақаро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, мамлакати мо аз рӯйи партовҳои газҳои гармхонавӣ (гулхонаӣ) дар ҷаҳон дар ҷойи 135-ум қарор дорад, ки саҳми арзандаи Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар миқёси минтақавӣ ҳаҷми партовҳои газҳои гармхонавӣ дар Тоҷикистон ба як нафар камтарин аст ва саҳми ин дар беҳбуди вазъи экологии минтақа ва сайёра хеле калон мебошад[2]. Бо ин мақсад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки «…аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ намудани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам намудани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири наҷоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешем». Ҳамзамон; истеҳсоли энергияи «сабз», рушди иқтисоди «сабз», паст намудани партови газҳои гулхонаӣ, бознигарӣ карда шавад. Соли 2032 100% истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда таъмин шавад.

То соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад ва Тоҷикистон ба «мамлакати сабз» табдил дода мешавад.

Дар мавриди яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ–таъмини истиқлоли энергетикии ҷумҳурӣ Президенти мамлакат зарурати ҳарчӣ зудтар ҳал намудани мушкилоти норасоии барқу маводи сӯзишворӣ, дарёфти роҳи ҳалли мушкилоти ин соҳаро ба сифати омили таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ арзёбӣ намуданд. Президенти Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдорро ба дарёфти манбаъҳои иловаи маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бунёди неругоҳҳои хурди обӣ, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ, таъмини сифатноки аҳолӣ ба неруи барқ, истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ, сарфаҷӯйии неруи барқ ва камсозии талафоти технологии он муваззаф намуданд.

Доир ба баровардани мамлакат аз бунбасти иртиботӣ- яке аз ҳадафи стратегии миллӣ ҳарф зада, Президенти Тоҷикистон бунёди роҳу нақбҳои мошингардро омили табдил додани Тоҷикистон ба давлати воҳиду транзитӣ номиданд. Имрӯз дар соҳаи нақлиёт, бунёди пулу роҳҳо чандин

лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мавриди татбиқ қарор дода мешаванд, ки баҳрабардории иқтисодии онҳо дар баробари тамоюлоти дохилӣ инчунин тамоюлоти минтақавӣ низ доранд. Яъне татбиқи онҳо барои кишварҳои минтақа долонҳои иловагии ҳамлу нақли молу хизматрасониро фароҳам оварда, вобастагияшонро аз хатҳои таҷрибашудаи аз ҳад зиёд пурбор камтар мегардонад. Ин гувоҳи он аст, ки татбиқи манфиатҳои миллии мамлакатамон на дар заминаи муқобилгузорӣ бо манфиатҳои миллии кишварҳои дигари минтақа, балки ҳамчун тамоюли ба воқеият пайвастани онҳо амалӣ мешавад[3].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ зарурати баландбардории сифати рушди инсониро тавассути татбиқи чорабиниҳои муҳиму самаранок дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла маориф, энергетика, шуғли аҳолӣ, соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайра таъкид намуданд. Таъмини иҷрои ин масъала барои ҳамаи мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ муфассал асоснок шуд. Дар ин самт тақвият бахшидани ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, муҳайё намудани ҷойҳои иловагии корӣ, инчунин ворид намудани технологияи муосир, дастгирии соҳибкорони ватанӣ, ташкили корхонаҳои муштарак, мусоидат намудан ба таъсиси ҷойҳои кории сифатан нав ва таъмини музди меҳнати арзанда дар бахши давлатию хусусӣ, бунёди шумораи зиёди корхонаи нав дар соҳаи саноат аз ҳадафҳои афзалиятноки минбаъдаи давлат арзёбӣ гардиданд.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таҳлилу арзёбии натиҷаҳои рушди мамлакатамон дар соли 2023 инчунин барои минбаъд низ тақвият бахшидани раванди дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд. Маълум аст, ки дар шароити буҳрони ҷаҳонӣ аслан ин амал кори саҳл нест, вале ба ин нигоҳ накарда, пайдо намудани маблағ ва маблағгузории соҳаҳои буҷавӣ, махсусан илму маориф, соҳаи тиб саҳмгузории Президенти Тоҷикистон ба ин соҳаҳо буда, маблағгузории онҳо асоси рушди давлат шуморида мешавад.

Идомаи мантиқии таҳлили масъалаи марбут ба зарурати тарбияи кадрҳои ба талаботи рушди имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯйро Президенти мамлакат дар заминаи равандҳои пуртазоди ҷаҳони муосир ба миён гузоштанд. Дар шароити хеле печидаи ҷаҳони муосир ҳадафи асосӣ таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва бад-ин васила фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар фарди ҷомеа буда, вазифаи муҳимтарин дар ростои ин ҳадаф тарбияи шахсияти худшиносу

ватанпараст ва дорои дарки масъулияти волои иҷтимоӣ, донишу ҷаҳонбинии муосир, шахси соҳиби қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯза мебошад.

Бинобар ин, таълиму тарбия самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат қарор дода шудааст. Бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ масъалаи муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ яке аз масоили муҳимтарини рушди ояндаи иқтисодиёти давлат мегардад. Аммо раванди таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз афзоиши босуръати табиии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ қафо монда, алҳол бозори меҳнати дохилӣ имкони пурра бо ҷойи кор таъмин намудани корҷӯёнро надорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон перомуни сиёсати хориҷии Тоҷикистон иброз намуданд, ки сиёсати «дарҳои боз»-и давлат минбаъд низ бо назардошти манофеи миллӣ идома дода мешавад. Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя робитаро аз рӯйи усули ҳамкорӣ ба хотири шукуфоии муштарак пайгирӣ менамояд.

Аз дарки муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он ҳамчун санади ҳуқуқӣ ва сиёсии дорои принсипҳои барномавӣ, ки дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, раванди амалияи давлатӣ ба худ хислати санади дастуриро касб менамояд ва барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳар инсон ва барои ҷомеа дар маҷмуъ аҳаммияти калон дорад.

Президенти Тоҷикистон дар суханрониашон башардӯстӣ ва фаъолияту зиндагии озодонаи ҳар инсонро усулҳои умдаи фаъолияти қонунгузорӣ баён намуда, изҳор доштанд, ки қонун дар навбати аввал бояд ҳуқуқу озодиҳои инсонро чун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд. Пешниҳод шуд, ки соли соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шавад.

Дар робита ба ин масъалаи муҳим бояд таъкид сохт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун сарвари кордону инсони комил зимни пешниҳоди Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ба арҷгузорӣ ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои суннатии хонаводагӣ, ки вақтҳои охир бо таъсири раванди ҷаҳонишавӣ халалдор шудаанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Яке аз чунин арзишҳои калидии инсонпарварӣ эҳтиром гузоштан ба падару модар аст.

«Ба қадри падару модарон бирасед ва онҳоро иззату икром намоед, баракат мебинед»,– таъкид намуданд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Итминони комил дорам, ки ин суханони пандомези Президенти хирадманд ва оқиламонро ҳар фарди ватандӯсти мамлакат, махсусан насли наврасу ҷавон сармашқи ҳамешагии фаъолият ва зиндагонӣ қарор медиҳад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Сарчашма// https://khovar.tj /2023/12/payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston
2. Суханронӣ дар Мизи мудаввари сатҳи баланди Саммити ҷаҳонӣ оид ба амалҳои иқлимӣ дар доираи Конфронси бистуҳаштуми Тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим. - http://president.tj/node/32049
3. Усмонзода Х. Испытанный временем и проверенный на практике опыт взаимодействия государств Центральной Азии. – Душанбе, 2022.
4. Ятимов С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019

# РОЛЬ ПОСЛАНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ В МНОГОВЕКТОРНОМ РАЗВИТИИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА

**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,**
доктор философских наук, профессор, директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.: (+992) 372-27-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

*В данной статье автор прокоментироваль необходимость актуальное понимание содержания Послания Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, к Маджлиси Оли Республики Таджикистан "Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики" и подчеркнул ресурсы общества направлен для выхода на новый уровень развития и прогресса в условиях жестких кризисов современного мира. Автор отмечает, что необходимость изучения и распространения Послания Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, Маджлиси Оли Республики Таджикистан является фактом, служащим на благо повышения способности таджикского общества реагировать и отвечать на не*

*всегда полностью предсказуемые и чувствительные тенденции современности.*

***Ключевые слова:*** *Послание, Президент Республики Таджикистан, Эмомали Рахмон. Маджлиси Оли, Правительство, политика, внешняя политика, внутренняя политика, акт, право, развитие.*

## THE ROLE OF THE ADDRESS OF THE LEADER OF THE NATION IN THE MULTI-VECTOR DEVELOPMENT OF INDEPENDENT TAJIKISTAN

**USMONZODA KHAYRIDDIN USMON,**
Doctor of phylosophy, professor, director of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushnabe city, Rudaki ave. 89;
tell.: (+992) 372-27-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

*In his article, the author reviewed the actual understanding of the content of the Address of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan "On the main directions of domestic and foreign policy of the Republic" and emphasized the resources of the society directed to reach a new level of development and progress in the harsh crises of the modern world. The author notes that the need to study and spread the Address of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan is a fact that can serve for the benefit of increasing the ability of Tajik society to react and respond to not always fully predictable and sensitive trends of modernity.*

***Keywords:*** *Address, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon. Majlisi Oli, Government, policy, foreign policy, domestic policy, act, law, development.*

**УДК: 327**

# САТҲУ МУҲТАВО ВА ДУРНАМОИ ШАРИКИИ ТОҶИКИСТОНУ ЛАҲИСТОН

**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОҲ АБДУВАҲҲОБ,**
доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
e-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

**ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ,**
котиби якуми Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих
734001, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33;
тел: (+992 37) 221-18-08; e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

*Дар чаҳорчӯби мақола мавзуъҳои истиқрор ва таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Лаҳистон (Полша) тайи 32 соли барқарории робитаҳои дипломатӣ баррасӣ шудаанд. Муаллифон рӯйдоду чорабиниҳои муҳим дар самти ҳамкориҳои ду кишвар, аз ҷумла боздидҳои мутақобилаи Президентҳои Тоҷикистон ва Лаҳистон аз пойтахтҳои якдигар, гуфтушунидҳои ҳайатҳои сиёсӣ ва иқтисодиро матраҳ кардаанд. Дар хотимаи мақола доир ба зарурати такон бахшидани ҳамкориҳои ду кишвар хулоса дода шудааст. Дар навиштани мақола китобҳову рӯзномаҳо пиромуни фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар силсилаи "Сиёсати хориҷии Тоҷикистон", инчунин, дигар маводи расмии электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ мавриди корбаст қарор гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Лаҳистон, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкориҳои иқтисодӣ, робитаҳои байнипарлумонӣ, табодули сафарҳо, машваратҳои сиёсӣ, санадҳои ҳамкорӣ.*

Полша ё ба истилоҳи қабулшудаи тоҷикӣ Лаҳистон (аз номи куҳнашудаи "ляхи", яъне полякҳо) меросбари анъанаҳои ғании фарҳангӣ ва илмӣ буда, дар миёни намояндагони аҳли зиёи он шахсиятҳои оламшумул – олимон Н. Коперник ва М. Склодовская-Кюри, бастакорон Ф.

Шопен ва Г.Венявский, нависандагон Б. Прус ва Г.Сенкевич, инчунин, як зумраи дигар нобиғаҳои дунёи санъату маърифат номбардори ин кишвари соҳибнуфузи аврупоӣ шудаанд. Далели тасодуфӣ нест, ки 17 барандаи Ҷоизаи Нобел, аз ҷумла чор ҷоизадори сулҳ ва панҷтои дигар доир ба адабиёт, аз Лаҳистон мебошанд [3]. Ба ин муносибат, барои беҳтар воқиф шудан аз ҷузъиёти кишварии Лаҳистон, пеш аз муаррифии таърихи ташаккул, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди робитаҳои Тоҷикистон бо ин давлати аврупоӣ, матлаби зайлро манзур мекунем.

Ҷумҳурии Лаҳистон *(бо масоҳати 312,722 км$^2$ ва аҳолии 38 млн. нафар)* кишвари Аврупои Марказист, ки ҳудудаш аз соҳили баҳри Балтика дар шимол то кӯҳҳои Судет ва Карпат (қуллаи баландтарин Риси, 2499 метр, дар Татраҳои Баланд) дар ҷануб мавқеият дорад. Сеяки қаламравашро ҷангалзор фаро гирифтааст. Рӯдҳои дарозтаринаш Вистула, Одер, Варта ва Буг буда, ин кишвар ҳамчун молики кӯлҳои сершумортарин дар дунё (бо теъдоди қариб даҳ ҳазор кӯл) шуҳрат пайдо кардааст [4].

Дар Лаҳистон шакли идоракунии парлумонӣ-президентӣ амал карда, дар он Президент сардори давлат мебошад. Ҳокимияти иҷроияро Шурои Вазирон таҳти сарварии Сарвазир ҳамчун раиси ҳукумат ба амал мебарорад. Аъзои Шуроро Сарвазир интихоб, Президент таъйин ва Парлумон тасдиқ мекунанд. Соли 2020 дубора ба мақоми президентӣ ҷаноби Андҷей Дуда, ки ӯро Ҳизби Миллӣ-Консервативии ҳукмрон “Ҳуқуқ ва адолат” дастгирӣ намуд, интихоб гардид. Декабри соли 2023 палатаи поёнии Парлумон–Сейм ҷаноби Доналд Туск (собиқ Президенти Шурои Аврупо)-ро ба ҳайси Сарвазири нави Лаҳистон бинобар пешсафиаш бо пуштибонии эътилофи се гурӯҳи парлумонии иборат аз ҳизбҳои мухолифин–Платформаи Граждании, Роҳи Сеюм ва Чапгароҳо интихоб кард [4].

Лаҳистон кишвари узв-муассиси Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ) ва Иттиҳоди Аврупо мебошад. Варшава ҳамчун авлавияти сиёсати хориҷӣ таҳкими мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ, бахусус дар доираи Иттиҳоди Аврупо *(соли 2004 ба ИА ва соли 2007 ба минтақаи Шенген шомил шуд)* ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ *(узви ин Паймон аз соли 1999)* пешбарӣ менамояд. Лаҳистон узви “Гурӯҳи Вишеград” *(бо Маҷористон, Чехия ва Словакия)*, “Ташаббуси Аврупои Марказӣ” (муттаҳидкунандаи 18 кишвари Аврупои Марказию Шарқӣ ва Аврупои Ҷанубию Шарқӣ), Шурои кишварҳои баҳри Балтика мебошад; иштирокчии “Секунҷаи Веймар” *(бо Олмон ва Фаронса)* буда, шомили “Ташаббуси се баҳр” *(иттиҳоди давлатҳо аз Балтика то*

*Баҳри Сиёҳ ва Адриатика)* аст. Лаҳистон дар солҳои 2018-2019 узви ғайридоимии Шурои Амнияти СММ буд ва дар соли 2022 раёсати САҲА-ро ба уҳда дошт. Лаҳистон ҷонибдори фаъоли пешбурди лоиҳаи “Шарикии шарқӣ”-и Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки ба доираи нуфузи ИА ворид кардани Украина, Беларус, Молдова, Гурҷистон, Озарбойҷон ва Арманистон нигаронида шудааст [5].

Гузашта аз ин, дар Варшава қароргоҳи Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба амнияти сарҳадоти беруна (Frontex) ва Дафтари САҲА дар умури ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон (ODIHR) ҷойгиранд. Солҳои охир Лаҳистон муносибатҳои худро бо ИМА ба таври назаррас таҳким бахшида, яке аз иттифоқчиёни наздиктарин ва шарикони стратегии он дар Аврупо гардид. Таърихан, Лаҳистон робитаҳои қавии фарҳангӣ ва сиёсиро бо Маҷористон ҳифз кардааст [4].

Лаҳистон дорои иқтисоди пешрафтаи саноатишудаву омехта ва бозаргонии иқтисодии сердаромади аз лиҳози иҷтимоӣ рушдкарда мебошад, ки иқтисоди шашуми бузургтарини Иттиҳоди Аврупо аз рӯйи маҷмуи маҳсулоти дохилии номиналӣ *(ММД аз натиҷаи соли 2023 – 880 млрд. долл. ШМА ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 23,434 долл. ШМА)* ба шумор меравад. Қисми асосии иқтисодиёти Лаҳистонро бахши хизматрасонӣ (62,3%) ташкил дода, ба бахшҳои саноат 34,2% ва кишоварзӣ 3,5% рост меояд [6].

Аз соли 1990 то ба ҳол Лаҳистон сиёсати либерализатсияи иқтисодиро пеш мебарад ва он ягона иқтисод дар миқёси ИА аст, ки аз таназзул (ретсессия) дар давраи бuҳрони молиявии солҳои 2007-2008 эмин монд ва ҳатто нисбат ба нишондодҳои соли 1990 дар сӣ соли охир ММД-и худро ду баробар афзоиш дод.

Бахшҳои калидии саноати Лаҳистон мошинсозӣ *(истеҳсоли қатораҳои барқӣ, вагонҳо, мошинҳои роҳсозӣ ва сохтмонӣ, дастгоҳҳо, муҳаррикҳо, таҷҳизоти саноатӣ),* саноати оҳану пӯлод, кӯҳкорӣ ва ангишт, металлургияи сиёҳу ранга, саноати химиявӣ, киштисозӣ, коркарди хӯрокворӣ, мебелсозӣ, шишабарорӣ, бофандагию дӯзандагӣ, сементбарорӣ, чинисозӣ мебошанд [7].

Лаҳистон пешсафтарин иқтисоди Аврупои Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар ин кишвар наздики 40% аз 500 ширкатҳои бузургтарини минтақа (аз рӯйи даромаднокӣ) фаъолият мебаранд. Меъёри ҷаҳонишавии иқтисоди Лаҳистон баланд буда, бахши бонкдории он бузургтарин дар Аврупои Марказӣ мебошад. Лаҳистон 20-умин содиротгари бузургтарини молу хизматрасониҳо дар олам буда, он аз болоравии бесобиқаи шумораи сайёҳони хориҷӣ пас аз пайвастан ба Иттиҳоди Аврупо дар соли 2004 бархӯрдор шуд *(масалан, дар соли 2019 ба Лаҳистон 35 млн. нафар*

*хориҷиён ворид шуданд).* Кишвар соҳиби мавзеъҳои барои сайёҳон тамошобоби марбут ба муҳити табиӣ, макону ёдгориҳои таърихӣ ва мизбони чорабиниҳои ҷолиби фарҳангию анъанавӣ буда, шаҳрҳои мароқангезаш Краков, Варшава, Гданск, Вротслав, Лодз, Познан, Шетсин, Люблин мебошанд [4].

Аз миёни кишварҳои Аврупои Шарқӣ равобити Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Лаҳистон дар сатҳи хубу қаноатбахш қарор дошта, муносибатҳои дипломатӣ байни ду давлат 11 феврали соли 1992 барқарор гардидаанд [17, с. 100]. Хусусан дар даҳсолаи якуми солҳои 2000-ум байни ду кишвар иқдомоти муштараки устувор барои барқарорсозии робитаҳои пешина ва ба роҳ мондани муносиботи нави дӯстӣ ва ҳамкории самаранок амалӣ шуданд [24, с. 89]. Дар ин қарина, таваҷҷуҳи хоссаи роҳбарияти олии Тоҷикистону Лаҳистон ба зарурати мустаҳкам кардани муносибатҳои ба тозагӣ ташаккулёбанда нақши муҳим дошт. Чунончи, моҳи сентябри соли 1993 дар арафаи таҷлили солгарди дуюми Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон ҷаноби Лех Валенса барқияи табрикӣ ворид шуда, дар он ӯ талошу заҳматҳои Роҳбари давлати моро дар роҳи эҳёи амну осоиш дар кишвар махсус зикр карда, бо боварии комил изҳор дошт, ки халқи тоҷик бо роҳбаладии Сардори ҳушманди мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳои беназир ноил мегардад [10].

Сафари намояндаи махсуси Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон, вазири ваколатдор Богуслав Копинский ба шаҳри Душанбе (27 июни соли 1995) собитгари нияту мароми неки ҷониби лаҳистонӣ барои густариши равобит буд [2, с. 183]. Ӯ зимни мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номаи Роҳбари давлаташ Лех Валенсаро супурд. Дар нома сухан дар бораи равнақу ривоҷи муносибатҳои ду кишвар ва ҳамоҳангсозии ҷидду ҷаҳди тарафайн дар арсаи байналмилалӣ мерафт. Ба гуфтаи дипломати лаҳистонӣ, Президенти Лаҳистон азм дорад, то бо Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисоду сиёсат ва иҷтимоиёту фарҳанг робитаҳои пойдори ҳамкориро ба роҳ монад [25, с. 229-230]. Тамоси дигари сатҳи баланд 17 апрели соли 1998 анҷом ёфт, вақте ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси амалкунандаи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Вазири корҳои хориҷии Лаҳистон Бронислав Геремекро, ки бо сафари корӣ дар Тоҷикистон қарор дошт, ба ҳузур пазируфтанд. Маҳаки асосии мулоқотро масъалаҳои вобаста ба раванди демократикунонии ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ташкил доданд [27, с. 206].

Дидори нахустини роҳбарияти олии ду кишвар–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон ҷаноби Александр Квасневский дар рафти сафари корӣ ба шаҳри Палермои Италия (санаи 9-12 декабри 2000) анҷом ёфт [2, с. 105].

Новобаста аз ҳамаи тамосу мукотиботи гузашта, сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон Александр Квасневский ба Душанбе санаҳои 23-24 октябри соли 2002 ва боздиди расмии ҷавобии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Варшава 26-28 майи соли 2003 дар масири рушди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мутақобилан судманд заминаи мусоид гузоштанд [9]. Ҳамин тавр, дар пойтахтҳои ду давлат ҳафт санади ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои иқтисод, фарҳанг, илм, маориф, алоқаи ҳавоӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба имзо расид [24, с. 89]. Чанде пас аз анҷоми сафари расмии А. Квасневский ба шаҳри Душанбе, зимни ироаи паёми табрикӣ ба муносибати рӯзи истиқлоли Лаҳистон (санаи 11 ноябри соли 2002), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандии бузург сафари ба кишвари мо анҷомдодаи Президенти Лаҳистонро ба хотир оварданд. Сарвари давлати тоҷикон ба ҳамтои лаҳистонии худ итминон доданд, ки нақшаҳои тарҳрезишуда бобати ҳамкории минбаъдаи сермаҳсул байни ду кишвар дарояндаи наздик амалӣ гардида, муносибатҳои дӯстона миёни Тоҷикистону Лаҳистон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ таҳким меёбанд ва барои пешрафти манфиатҳои мардумони ҳар ду кишвар хизмат хоҳанд кард [1].

Дар посух ба номаи Президент Эмомалӣ Раҳмон, 28 ноябри соли 2002 аз номи Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон Александр Квасневский нома ворид шуд, ки тибқи он ӯ шахсан барои меҳмоннавозӣ ба ҳайати Ҷумҳурии Лаҳистон зимни сафари расмии ӯ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона изҳори сипос намуд. Мавсуф таассуроти мулоқотҳои мароқоварро бо Президенти кишварамон фаромӯшнопазир маънидод карда, бовар кунонид, ки онҳо дар муносибатҳои Лаҳистону Тоҷикистон ба марҳалаи нав ибтидо гузошта, ҳамкориҳоро дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод, илм ва фарҳанг бештар густариш хоҳанд дод. Ба қавли ӯ, Тоҷикистон дар таъмини сулҳи минтақаи Осиёи Марказӣ, барқарор сохтани ҳаёти осоиштаю демократӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, инчунин, мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, номбурда таъкид дошт, ки Лаҳистон ин нақши Тоҷикистонро эътироф намуда, мехоҳад бо мамлакати мо барои рушди муносибатҳои фарогиру доманадор дар заминаи имкониятҳои дар натиҷаи дигаргуниҳои демократӣ ва муносибатҳои бозаргонии дар ҳар ду кишвар бавуҷудомада боз ҳам бештар ва самарабахштар ҳамкорӣ кунад [12].

Инак, 26-28 майи соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмии ҷавобӣ ба Варшава ташриф оварданд. Сарони давлатҳо зимни мулоқоти хоса ва музокирот дар ҳайати васеъ доир ба дурнамои муносибатҳои дуҷониба мубодилаи афкор карда, ҳамчунин, ба масъалаҳои мубориза бар зидди терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, вазъи Афғонистон ва дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн диққати махсус доданд. Баъди анҷоми гуфтушунидҳо дар ҳузури президентҳои ду кишвар маросими имзои санадҳои дуҷониба доир гардид. Аз ҷумла Эъломия оид ба инкишофи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Лаҳистон, Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм, Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба имзо расиданд. Санаи 27-28 май дар идомаи сафари расмӣ ба Варшава, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ноиб-маршали Сейми Ҷумҳурии Лаҳистон Томаш Наванч ва Ноиб-маршали Сенати Ҷумҳурии Лаҳистон Яжембовский, инчунин, бо Раиси Шурои Вазирони Лаҳистон Лешек Миллер мулоқотҳои судманди корӣ доштанд [26, с. 320].

Дар таърихи 30 апрели соли 2004 ва 16 апрели соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар махсусан зикр карданд, ки сафарҳои расмиашон ба кишварҳои Аврупо, аз ҷумла Лаҳистон, натиҷаҳои басо умедбахш дода, ҳамкориҳо бо ин давлат хеле густариш ёфтанд [13].

Дар солҳои баъдӣ равобити Тоҷикистон бо Лаҳистон бо усулу хислати муайянкардаи роҳбарони ду давлат рушди мунтазам касб кард. Дар санаи 27 майи соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти интихобшудаи Ҷумҳурии Лаҳистон Андҷей Себастян Дуда барқияи табрикӣ ирсол дошта, ӯро ба муносибати интихоб шудан ба маснади олии Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон самимона табрик намуданд. Сарвари давлати тоҷикон дар паёми хеш чунин таъкид доштанд: *“Тоҷикистон ба муносибатҳои худ бо кишвари Шумо, ки самтҳои гуногуни ҳамкориҳои мутақобиларо фаро мегирад, баҳои баланд дода ва барои густариши ҳамкориҳои босуръат ҳавасманд аст. Мо бо қатъият минбаъд низ ҳамкориҳоямонро ба хотири мақсадҳои олии сулҳ, устуворӣ ва тараққиёт таҳким мебахшем.”* Маҳз мукотибаву тамосҳои пайгирона буд, ки 26 марти соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон Андҷей Себастян Дуда, ки дар роҳи бозгашт аз Афғонистон дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе таваққуфи кутоҳи транзитӣ кард, мулоқоти корӣ анҷом доданд. Сарони ду

давлат муносибатҳои Тоҷикистону Лаҳистонро муҳокима карда, дар мавриди баъзе масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ табодули андеша намуданд. Президенти Лаҳистон ба Роҳбари давлати мо барои пазироии гарм арзи миннатдорӣ карда, ба мардуми Тоҷикистон сулҳу субот ва шукуфоии минбаъдаро таманно дошт [11].

Қобили зикр аст, ки 13 ноябри соли 2003 сафири Тоҷикистон дар Беларус ҳамзамон, сафири Тоҷикистон дар Лаҳистон таъйин шуда [2, с. 146], сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон Маликшо Неъматов ва Ғайратшо Соҳибназар мутаносибан аз соли 2016 ва 2019 рисолати муҳимми пешбурди робитаҳо бо Лаҳистонро ба ҳайси сафирони ғайримуқим бар уҳда доштанд.

Ҳоло ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, боркашонии автомобилӣ, гумрук ва дифоъ аз самтҳои афзалиятноки муносиботи Тоҷикистону Лаҳистон ба шумор меравtotally [24, с. 89].

Гарчанде муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистону Лаҳистон соли 1992 ба роҳ монда шуданд, абзори муҳимми муҳокима ва ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами рӯзномаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду кишвар, яъне машваратҳои сиёсии байниидоравӣ танҳо дар соли 30-юми равобити дипломатӣ оғоз гирифт. Даври нахустини ройзаниҳои сиёсӣ зери роҳбарии муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ҳусейнзода ва муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Лаҳистон Мартсин Пшидач 25 июни соли 2021 дар Варшава баргузор гардид. Дар ҷараёни музокирот доир ба доираи васеи масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Лаҳистон дар сиғаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин, доир ба дурнамои муносибатҳои байнидавлатӣ дар бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн табодули андешаву таклифҳои созанда сурат гирифт [21].

Зикри он нукта низ равост, ки аз тозатарин иқдомҳои ҷониби мо сафари кории дар он давра сафири навтаъйини Тоҷикистон дар Лаҳистон (бо иқоматгоҳ дар Берлин) Соҳибназар Ғайратшо ба Варшава моҳи майи соли 2021 буд. Дипломати тоҷик дар мулоқоти хеш бо муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Лаҳистон Мартсин Пшидач (20 майи 2021) вазъ ва дурнамои равобити дуҷонибаро дар бахшҳои гуногун баррасӣ карда, дар мавриди ҳамкориҳои ҷонибҳо дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои узви Чаҳоргонаи Вишеград ва Осиёи Марказӣ изҳори ақида намуд. Ба хотири густариши беш аз пеш ва ғанисозии мухтавои робитаҳо дар пешорӯи 30-юмин солгарди барқарории муносибатҳои дипломатӣ, мусоҳибон ба муҳиммияти баргузории ройзаниҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Лаҳистон, таҳкими ҳамкории иқтисодӣ ва тавсеаи заминаи қарордодӣ-ҳуқуқии муносибатҳо миёни ду давлат таъкид доштанд [19].

Зимни вохӯрии номбурда бо Ноиби президент, мудири кулли Палатаи тиҷорати Ҷумҳурии Лаҳистон Марек Клотско (санаи 21 майи 2021) доираи васеи имкониятҳои ҳамкории иқтисодиву тиҷоратии ду кишвар, хусусан дар қаринаи фазои мусоид бинобар раванди саноатикунонии кишвар, таъсиси равзанаи ягона ба манзури содагардонии амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва убурӣ, мавҷудияти имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, матраҳ гардид [23].

Дар рафти дидору гуфтугӯйи сафир Соҳибназар Ғайратшо бо муовини вазири рушди иқтисод, кор ва фанноварии Лаҳистон Роберт Томанек худи ҳамон рӯз мусоҳибон масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, муҳоҷирати корӣ ва сайёҳиро муҳокима карданд. Баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Лаҳистон, инчунин, ҳамоишҳои соҳибкорони ду кишвар дар муҳлати мадид ҳамчун марҳалаи нав дар самти рушди бештари робитаҳо маънидод гардид [20].

Лозим ба ёдоварист, ки иқтидори инноватсионӣ ва азнавсозии техникиву технологии корхонаҳои бузурги саноатии кишвар асоси ташаккулёбии низоми саноати миллиро ташкил менамояд. Дарвоқеъ, таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат ва неру бахшидан ба тараққиёти соҳаи саноат, коркарди маҳсулоти он талаботи бозори дохилию берунӣ ба ҳисоб рафта, дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва саноатӣ иҷрои вазифаҳои хеле муҳимро тақозо менамоянд. Бинобар ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки:

– Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки афзоиши

назарраси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд;

– Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба рушди саноати сабук, хӯрокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ба ин васила ба роҳ мондани коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии кишвар, хусусан, ҷавонону бонувон эътибори махсус диҳанд. Вобаста ба масъалаҳои зикргардида, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки доир ба такмили низоми омода намудани мутахассисон барои бахши воқеии иқтисодиёт, бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ, таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, агросаноатӣ ва хизматрасонӣ, тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

Ногуфта намонад, ки бо истифодаи ашёи хоми ватанӣ таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ва тақсимоти дунё байни абарқудратҳо рушди низоми саноату истеҳсолоти миллӣ ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи мардум кори саҳлу осон буда наметавонад. Ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосии мамлакат дар ин ҷода муайян буда, татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар бомаром идома дорад. Вобаста ба ин, захираю имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифату рақобатпазири саноатӣ, тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва пайдо намудани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ бениҳоят зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ, суханронии самимии Сарвари давлат дар роҳи созандагиҳои Ватан масъулияти тамоми нафарро бештар намуда, ҳавасмандӣ ва фаъолияти муназзамро дар ин самт дучанд мегардонад. Аз ин рӯ, саноати ватанӣ яке аз соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳамасола бо суръати кайҳонӣ рушд менамояд ва ҳамчун шоҳсутуни асосии иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Бинобар ин, Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифи тоҷикро мувazзаф месозад, ки бо самимияти хосса ва беғаразона комёбиҳои беназири соҳибистиқлолии кишварро ҳифз намуда, беш аз пеш ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз итминони комил ҳосил намоем.

## АДАБИЁТ

**1.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/node/32191

**2.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384

**3.** Муртазоев О.Қ. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва рушди саноати миллӣ//Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - Душанбе: «АРЖАНГ», 2023. - № 2(6). - С.80-91.

**4.** Муртазоев О.Қ. Паёми Президент – қадамҳои устувор дар рушди низоми саноати миллӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар. [Захираи электронӣ] https://mts.tj/payomi-prezident-%d2%9badam%d2% b3oi-ustuvor-dar-rushdi-nizomi-sanoati-mill%d3%a3-va-ta%d2%9bviyati-i%d2%9btidori-sodirotii-kishvar/

**5.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030//Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт. – Душанбе, 2016. – С.62

**6.** Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АОНПҶТ), https://stat.tj

# ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА – УСТОЙЧИВЫЕ ШАГИ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ И УКРЕПЛЕНИИ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ

**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,**
кандидат экономических наук, доцент, начальник управления отраслевого развития Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.:(+992 37)221-15-71; e-mail: oraz-2009@mail.ru

*Ускоренная индустриализация принята в качестве четвертой стратегической цели страны и является основой укрепления экспортного потенциала республики, создания рабочих мест и конкурентоспособности национальной экономики. Благодаря конструктивной политике высшего руководства страны за годы независимости был введен в строй ряд крупных промышленных предприятий, которые усиливают процесс индустриализации нашей страны.*

*Кстати, в данной статье исследуется и оценивается вопрос вытекающий из Послания Президента–уверенные шаги в развитии национальной промышленной системы и укреплении экспортного потенциала страны. Фактически, в целях развития отечественной промышленности и*

*увеличения объемов производства реализуются "Стратегия промышленного развития Республики Таджикистан на период до 2030" года и ряд отраслевых программ, которые играют особую роль в переходе Экономика страны от формы добычи сырья до производителя конечной продукции.*

***Ключевые слова:*** *устойчивая, инновационная деятельность, стратегия, современные технологии, инновации, мониторинг, предприятие, переработка, конкуренция, производство, устойчивое развитие, экспорт, национальная промышленность.*

## ADDRESS OF THE PRESIDENT- SUSTAINABLE STEPS IN DEVELOPING THE NATIONAL INDUSTRIAL SYSTEM AND STRENGTHENING THE COUNTRY'S EXPORT POTENTIAL

**MURTAZOZODA ORAZ,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of sectoral development of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992 37)221-15-71; e-mail: oraz-2009@mail.ru

*Rapid industrialization has been adopted as the fourth strategic goal of the country and is the basis for strengthening the country's export potential, job creation and competitiveness of the national economy. Thanks to the constructive policy of the country's top leadership, a number of large industrial enterprises have been put into operation during the years of independence, which strengthen the process of industrialization of our country.*

*By the way, this article explores and evaluates the issue of the President's Address - confident steps in the development of the national industrial system and strengthening the export potential of the country. In fact, in order to develop domestic industry and increase production, the "Strategy of Industrial Development of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030" and a number of sectoral programs are being implemented, which play a special role in the transition of the country's economy from the form of extraction of raw materials to the producer of final products.*

***Keywords:*** *sustainable, innovation activity, strategy, modern technologies, innovation, monitoring, enterprise, processing, competition, production, sustainable development, export, national industry.*

**УДК: 338**

# РАВАНДҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИСТЕҲСОЛИИ ШАКАР АЗ ЛАБЛАБУИ ҚАНД ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

**РУСТАМҶОНИ САЙДУЛЛОИ ҚУЗРАТЗОДА,**
сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 901-31-38-68; e-mail: caidullozoda1992@mail.ru

**СУЛТОНОВ СОТИМ СУЛТОНОВИЧ,**
ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик А.Осимӣ
734042, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 41;
тел.: (+992) 904-39-59-09; e-mail: stim-90.90@mail.ru

*Шакар яке аз маҳсулоте ба ҳисоб меравад, ки талаботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин маҳсулот бо таври 100 дарсади воридоти он аз хориҷи кишвар қонеъ гардонида мешавад. Муҳимии истеҳсоли шакар боз ҳам ифода менамояд, ки вобаста аз зарурати иқдоми чорум – саноаткунонии босуръат, зеро ки корхонаи истеҳсоли шакар – корхонаи саноати хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин ҷода гузаштан аз давлати аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ маънои онро дорад, ки саҳми маҳсулоти саноатӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилаи кишвар нисбат ба ҳаҷми маҳсулоти аграрӣ дар он бояд зиёд бошад. Бо дарназардошти ин нукта, дар мақолаи мазкур тамоми паҳлуҳои назариявию методологӣ ва таҷрибаҳои истеҳсоли бештаре аз давлатҳои пешсаф гирд оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *шакар, истеҳсол, самаранокӣ, лаблабуи қанд, корхонаи истеҳсолӣ, хӯроки чорво, маҳсулоти иловагӣ, коркард, арзиши аслӣ.*

Мусаллам аст, ки ба роҳ мондани истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар Тоҷикистон, бе шакку шубҳа ба дигар соҳаҳои ҳоҷагии халқ таъсири мусбат расонида, барои рушди онҳо заминагузорӣ мекунад. Ин нафақат хоҷагиҳои лаблабуи қанд кишт мекарда, балки ба рушди соҳаи чорводорӣ ҳам бетаъсир нахоҳад буд, зеро ки дар корхонаи истеҳсоли шакар аз

лаблабуи қанд маҳсулоти иловагӣ (ғайр аз шакар) истеҳсол мешаванд, ки аз онҳо хӯроки серғизои чорво низ тавлид кардан мумкин аст.

Дар пешрафти самаранокии лаблабуи қанд ва истеҳсоли шакар тадқиқотҳои зиёди олимони Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон (танҳо самаранокии лаблабуи қанд) ва кишварҳои дигари ҷаҳон кору фаъолият бурдаанд, истифода шудааст. Аз ҷумла олимони тоҷик низ дар мавзуъҳои гуногуни самаранокии лаблабуи қанд, фаровонгардонии ҳосил, истеҳсоли хӯроки ширадор аз лаблабуи қанд ва хӯроки чорво кору фаъолият намудаанд. Бештари ҷанбаҳо ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта дар корҳои Мирзоалиев Сафар, Қодиров Ҳикматулло, Раҳматов Абдураҳмон, Евлаков П.М., Караев Алӣ Буриевич., Сардоров Маҳмадёр, Орипов Сафаралӣ ва ғайра хуб гардидаанд ва ҳалли худро ёфтаанд.

Саволе ба миён меояд, ки оё зарур аст, ки истеҳсоли шакар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад?

Бояд тазаккур дод, ки шакар маҳсулотест, ки дар зиндагии мардум мақоми хос ва нақши муҳимро мебозад. Аз ҳамин лиҳоз, инсоният баъд аз фаҳмидани хосиятҳои фоидаовари истеъмолии шакар истеҳсоли ин маҳсулоти бениҳоят муҳимро ба роҳ монд. Пеш аз истеҳсоли шакарро ба роҳ мондан, бояд ба саволе ҷавоб пайдо карда шавад, ки ширинӣ дар таркиби кадом маҳсулот ва то чӣ андоз мавҷуд аст? Дар натиҷаи тадқиқот ва санҷишҳо муайян карда шуд, ки ширинӣ дар таркиби бениҳоят бисёри меваю сабзавот ва зироатҳо низ мавҷуд аст. Аммо аз маҷмуи ин неъматҳо мутахассисон муайян намуданд, ки шакарро аз ду навъи зироат– найшакар ва аз лаблабуи қанд истеҳсол кардан имкон дорад.

Қанд маҳсулоти ниёзи аввалаи мардум буда, зиёда аз 95 дарсади онро карбогидрадҳо ташкил медиҳанд. Инчунин, дар таркиби он маҳсулоти аз ҳама муҳим–сахароза (як нави шириниест, ки ба инсон қувва ва неру мебахшад) бо миқдори зиёд мавҷуд аст ва инчунин, аз глюкоза ва фруктоза иборат мебошад. Сахарозае, ки дар таркиби бештари рустаниҳо мавҷуд аст, дар китоби Гулаҳмад Раҳимхудоев, "Биохимияи растаниҳои кишоварзӣ" хуб оварда шудааст.

**Сахароза** (қанди лаблабу). Молекулаи сахароза аз ду моносахарид А –Д-глюкоза ва В-Д-фруктоза, ки бо атоми оксиген бо ҳам пайвастаанд, иборат аст. Алоқаи байни онҳо аз ҳисоби атоми карбони якуми глюкоза ва карбони дуюми фруктоза ба вуҷуд меояд. Азбаски гурӯҳи гидроксили атоми карбони полуатсеталии глюкоза ва фруктоза иштирок мекунанд, дусахариди ҳосилшуда, қобилияти барқароркунӣ надоранд. Сахароза дар рустаниҳо ҳамчун моддаи захиравӣ ба миқдори зиёд дар бехмеваҳо, меваҳо, буттамеваҳо, ҷанини тухмӣ ҷамъ мешавад. Ба миқдори хеле кам сахароза дар тамоми бофтаҳои рустаниҳо вохӯрдан мумкин аст. Миқдори

зиёди он асосан дар бехмеваи лаблабуи қанд (аз 16 то 22 %), дилаи навдаҳои найшакар (14-18%), шираи нахли қанддор ва заранги (килён)-и қанддор мавҷуд аст. Аз рустаниҳои номбурдашуда бо усули саноатӣ сахарозаро ҳамчун озуқаворӣ истеҳсол мекунанд, ки он барои инсон аҳаммияти калон дорад. Ҳангоми аз ҳарорати гудозишаш баландтар гарм кардани сахароза, он ба карамел мубаддал мегардад. Ин усулро дар истеҳсолоти кондитерӣ истифода мебаранд (маҳсулоти иловагиеро, ки дар натиҷаи истеҳсолот ба вуҷуд меояд, дар бобҳои оянда пурра шарҳ медиҳем) [4, с. 24].

Қанди сафед танҳо барои истеъмоли аҳолӣ истифода мегардад ва он дуюмбора коркард карда намешавад. Шакарро бошад, дар соҳаи қаннодӣ бори дигар истифода менамоянд, ки дар баъзе нишондодҳо дараҷаи баланд дорад:

- мураббо аз 40 то 65 %;
- ҷем аз 60 то 75 % ;
- конфитюрҳои мевагиҳо 55 то 56%;
- повидло 40 то 45 % ва ғайра маҳсулоти дигар истифода карда мешаванд [8 с.].

Маълум мегардад, ки шакарро дар таркиби бешатари молу маҳсулоти ғизоӣ истифода кардан имкон дорад. Инчунин, эҳтимоли истеҳсол намудани шакар аз дигар маҳсулот аз эҳтимол дур нест. Масалан, аз ангур, тарбуз, харбуза, себ, шафтолу ва ғайра истеҳсоли шакар имкон дорад. Аммо аз ҳамаи маҳсулоти номбурда, гирифтани шакар самаранокии хуб намедиҳад.

Албатта, ҳамон гуна, ки дар боло қайд карда гузаштем, шакарро ҳамчун як маводи таъми ширин дошта, аввалин маротиба аз найшакар пайдо намуданд, ки то ҳоло шакар дар аксари давлатҳои шакаристеҳсолкунанда аз найшакар истеҳсол карда мешавад. Бояд таъкид намуд, ки дар истеҳсоли шакар истифодаи найшакар бо сабабҳои гуногун (ин сабабҳо дар зербобҳои оянда мухтасар оварда шудаанд), сол то сол коҳиш ёфта истода аст. Масалан, агар дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX 85 дарсад шакари дар ҷаҳон истеҳсолшударо аз найшакар гирифта бошанд, ин нишондод дар солҳои 2007 – 2010 (яъне дар аввалаи асри XXI) 60 дарсадро ташкил дод [3,с.151]. Сабабаш дар он мебошад, ки агротехнологияи коркарди заминҳои қанд ва баланд кардани қанднокии лаблабуи қанд (бо усулҳои дурагакунӣ) имкон медиҳад, ки манфиатнокии шакари лаблабуи қанд нисбат ба найшакар зиёд бошанд.

Аввалин маротиба ширинии дар таркиби найшакар бударо мардуми Ҳиндустон дар асри сеюми пеш аз милод пай бурда буданд. Баъдан Искандари Мақдунӣ ин рустаниро аз Ҳиндустон ба Юнону Мақдуния бурд

ва истеҳсоли шакар дар он сарзамин ба роҳ монда шуд. Ин имкон дод, ки парвариши ин маҳсулот дар минтақаҳои дигар ривоҷ ёбад.

Ба ақидаи бештари олимони ин соҳа, ватани аслии лаблабу кишвари Эрон, сарзаминҳои назди баҳри Миёназамин, баҳри Сиёҳ ё баҳри Хазар (Каспий) ба шумор меравад. Инчунин, эҳтимоли истифодаи лаблабуи ваҳшӣ дар Ҳиндустон ва Чин низ буда метавонад, ки то ҳол ин навъҳои лаблабу дар минтақаҳои номбурда дида мешавад. Лаблабу 2 ҳазор сол пеш аз солшумории милодӣ дар байни мардуми ориёӣ (эронинажод) машҳур буд [5 с.125.].

Истеҳсолу коркарди лаблабуи қанд ва умуман лаблабу, натанҳо фоидаи иқтисодӣ, балки фоидаи иҷтимоӣ низ дорад. Истеъмоли онро дар хӯроки ҳаррӯзаи шаҳрвандон зиёд намудан лозим меояд, чунки дар таркиби лаблабу моддаи бетатсин ё ин ки бетанина мавҷуд аст, ки барои саломатии инсон фоидаовар (дар замимаҳо ба пуррагӣ нишон дода шудааст) мебошад [7. С. 194].

Чи тавре дар боло зикр гардид, дар дунё 127 кишвар ба истеҳсоли шакар машғуланд. Амалияи ташкил ва ба роҳ мондани истеҳсоли шакарро дар ҳамаи давлатҳо омӯхтан шарт нест ва дар доираи як мақола ин куллан имконнопазир аст. Бо дарназардошти ин, ба мо кифоя аст, ки амалияи ин ҷараёнро дар кишварҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон иқлим, шароити географӣ, кадастри замин ва менталитети миллиамон монандӣ доранд, баррасӣ ва арзёбӣ намоем.

Мусаллам аст, ки ба ин давлатҳо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Русияро дохил кардан мумкин аст.

**Ҷумҳурии Ӯзбекистон.** Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ду заводи истеҳсоли шакар мавҷуд аст. Корхонаи “Хоразмшакар” дар шаҳри Урганҷ дар соли 1998 сохта ба истифода дода шудааст, ки зарфиятҳои истеҳсолии он 43,2 ҳазор тонна дар як солро доро мебошад. Заводи дуюми истеҳсоли шакари Ҷумҳурии Ӯзбекистон–“Ангреншакар” дар шаҳри Оҳангарон дар соли 2018 бо арзиши 108,45 млн. доллари ИМА сохта, ба истифода дода шудааст, ки он дар як сол иқтидори истеҳсоли 700 ҳазор тоннаро дорад. Дар ҳар дуи ин заводҳо зиёда аз 2000 нафар мардум кор мекунад. Дар аввали фаъолияти корхонаи “Хоразмшакар” дар истеҳсоли шакар қисман лаблабуи қанди маҳаллӣ истифода мешуд. Баъдан бо сабабҳои гуногун (асосан аз норасоии об барои заминҳои кишти лаблабу) дар айни замон ин завод дар истеҳсоли шакар аз шакари нимтайёри (сахарное сырьё) воридотӣ (асосан аз Бразилия) истифода мебарад. Корхонаи “Ангреншакар” пурра бо истифодаи шакари нимтайёр, истеҳсоли шакарро ба роҳ мондааст [10].

Аз сабаби норасоии ашёи маҳаллӣ–лаблабуи қанд ва гарон будани нархи ҷаҳонии шакари нимтайёр ва нархи боркашонӣ аз кишварҳои

содироткунандаи ин ашё, ҳар ду корхонаи истеҳсоли шакари Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар арафаи басташавӣ қарор доранд. Аз ин лиҳоз, аз ҳама варианти мувофиқ барои истеҳсоли шакар истифода аз ашёи ватанӣ мебошад.

**Ҷумҳурии Қазоқистон**. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Қазоқистон 95 дарсади шакару қандро аз ашёи воридотӣ ва танҳо 5 дарсад аз ашёи хоми ватанӣ– лаблабуи қанд истеҳсол мешавад. Дар ин кишвар истеъмоли шакар ба ҳар сари аҳолӣ сол то сол афзоиш меёбад. Инчунин, шакар дар Қазоқистон дар саноати фармасевтӣ ва химиявӣ истифода мешавад (масалан, антибиотикҳо), маҳсулоти биотехнологӣ (ба монанди кислотаи лимӯӣ ва кислотаи laktik, аминокислотаҳо, витаминҳо ва ферментҳо), масолеҳи бастабандии биологӣ. Масъалаҳои истеҳсоли шакар аз ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки агрономӣ мебошад. Истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд маҳсулоти аз ҷиҳати саноатӣ неруталаб мебошад. Таърихи тараққиёти кишту кори лаблабуи қанд дар Қазоқистон зиёда аз ду асрро дарбар мегирад. Агар дар асри нуздаҳ ин соҳа ба роҳ монда шуда бошад, дар асри бист ин соҳа зуд рушд карда, бо инфрасохтори хуб ташаккулёфта омода расид [6].

Саволе дигаре ба миён меояд, ки кадом имкониятҳои истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар кишвар мавҷуд мебошанд?

1. Манбаҳои моддӣ, молиявӣ ва инфрасохторӣ барои ташкил ва таъмини фаъолияти корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд метавонад чунин манбаъҳои лозимаро талаб намояд:

1.1. Манбаъҳои моддӣ:

- ✓ лаблабуи қанд;
- ✓ оҳак;
- ✓ ангишт;
- ✓ гази оксиди сулфат ($SO_2$);
- ✓ об ва неруи барқ.

Бояд таъкид намуд, ки ҳама ин манбаъҳои лозимаи овардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд ва ё истеҳсолотро бо ин ашё таъмин кардан имконпазир мебошад.

1.2. Манбаъҳои молиявӣ метавонад чунин вариантҳои лозимаро дар худ дошта бошад:

- аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ;

- бо иштироки маблағҳо ва ё моликияти давлатӣ (масалан, бино ва инфрасохторҳои он) ва маблағҳои шахсҳои воқеӣ, ҳуқуқӣ;

- маблағҳои молиявии шахси воқеӣ (соҳибкоронии ватанӣ);

- маблағи шахси ҳуқуқӣ (корхонаю ташкилотҳо);

- маблағҳои омехтаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанӣ;

- пуррагӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ;

- сармояҳои омехта–маблағҳои шахсҳои воқеӣ ва ҳуқуқии ватанӣ;

- шахсҳои ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ ва ё дар дигар комбинатсияҳо шуданаш имкон дорад.

1.3. Омода намудан ва мавҷудияти инфрасохторҳои зерин барои ташкили корхона ҳатмӣ буда чунинанд:

- роҳҳои оҳан ва мошингард;

- хатҳои баландшиддати барқтаъминкунӣ;

- қубурҳо, хатҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия;

- иншооти таъмини экологии истеҳсолот.

2. Имкониятҳои пурраи таъмини ҷараёни истеҳсоли шакар бо ашёи хом, ғолибан бо ашёи хоми маҳаллӣ. Фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли шакарро аз нуқтаи назари таъмин бо ашёи хом ба се навъ ҷудо кардан мумкин аст:

2.1. Ба пуррагӣ таъмин кардани лаблабуи қанди истеҳсоли маҳаллӣ. Дар ин ҳолат гуфтан мумкин аст, ки самаранокии корхонаи истеҳсоли шакар калонтарин (максималӣ) мешавад бо сабобҳои зерин:

- хоҷагиҳои деҳқоние, ки бо киштукори лаблабуи қанд машғуланд, бо кор ва даромади муайян таъмин мешаванд;

- корхона вобаста аз ашёи хоми хориҷӣ набуда, ба пуррагӣ дар давоми сол фаъолият карда метавонад;

- дар ҳолати истифодаи лаблабуи қанд чорвои маҳаллӣ бо хӯрокворӣ қувватнокии баланд дошта таъмин мешавад;

- дар ҳолати истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ арзиши шакар ва маҳсулот аз он коҳиш меёбад;

- истеҳсоли маҳсулоти иловагӣ аз лаблабу (дефекат, потока, фушурда ва ғайра);

- ва ғайра (масъалаи самаранокии корхона истеҳсоли шакар бо истифодаи лаблабуи қанд дар бандҳои алоҳидаи мақола оварда шудааст).

2.2. Ҳолати пурра истифодаи шакари нимтайёр дар корхонаи истеҳсоли шакар бо сабабҳои зерин ба вуҷуд омаданаш мумкин аст:

–дар ҳолати рӯй додани офатҳои табиӣ (сел, жола, обхезӣ ва ғайра);

3. Дар ин маврид бояд таъкид кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди кадрҳои зарурӣ барои ташкил ва таъмини фаъолияти корхонаи истеҳсолӣ бо истифодаи лаблабуи қанд мавҷуданд, аз ҷумла кормандони ташкилӣ, тақсимоти моли истеҳсолшуда ва истеъмолот (ин нафақат истеъмоли шакар аст, балки истифодаи шакар ва маҳсулоти иловагӣ аз лаблабуи қанд дар дигар соҳаҳои саноати кишвар). Танҳо дар ҳолати ворид намудани техника ва технологияҳо барои истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд лозим меояд, ки кормандони алоҳидаи муҳандисӣ ва техникӣ омода

карда шаванд. Одатан, ин ҷараён дар шартномаи таҳвилии техника ва технологияҳои нав дар назар дошта мешаванд ва ба арзиши шартнома дохил карда мешавад:

–курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони корхона дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он (маъмулан, дар давлати техника воридоткарда метавонад бо дарназардошти шартномаи дутарафа кадрҳоро низ омӯзонанд);

–пешбинӣ шудан дар феҳристи тахассусҳои муассисаҳои таълимии олии касбӣ (мутахассисони муҳандисӣ, техникӣ) ва литсейҳои касбӣ ихтисосҳои лозимаи барои корхонаи шакаристеҳсолкунӣ аз лаблабуи қанд ва мутахассисони коркарди шакари нимтайёр.

4. Имкониятҳои истифодабарии амалияи ҷаҳонии пешқадам дар ташкил ва истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нав ва такрорнашуда мебошад. Ҳар як кори наве, ки дар давлатҳо ҷорӣ карда мешавад, ба мушкилоти алоҳида дучор мегардад. Ин ҳолат махсусан ба истифодаи амалияи пешқадами давлатҳои тараққикарда дар қаламрави дигар давлатҳо хос аст.

**Расми 2.1.2.**

**Маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ аз коркарди лаблабуи қанд**




Аз ҷадвали овардашуда маълум мегардад, ки аз лаблабуи қанд натанҳо маҳсулоти асосии ниёзи мардум, яъне шакар инчунин аз он маҳсулоти иловагӣ низ гирифтан имкон дорад. Он метавонад манбаи даромади иловагӣ барои корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанд шавад. Инчунин, маҳсулоти иловагӣ имкон медиҳад, ки дигар корхонаҳои коркарди маҳсулоти иловагӣ ташкил гардад.

Аз лаблабуи қанди дорои 16 % қанднокӣ дошта 12,75% гирифта мешавад. Боқимонда то 1 дарсадаш то гирифтани меласа талаф ёфта, 1,25

дарсади дигараш то шакари тайёр шудан, талаф меёбад. Яъне аз 1 дарсади лаблабуи қанд 0,79 дарсад шакари тайёр истеҳсол карда мешавад.

Истифодаи лаблабуи қанд дар истеҳсоли шакар на камтар аз 11 марҳалаи пайдарпайи ҳатмиро мегузаранд, ки дар китоби А.Сапронов "Технологияи қанд" нишон дода шудааст. Инчунин, то ҳол бештари олимоне, ки дар ин ҷода фаъолият менамоянд, аз ин китоб истифода мекунанд [9, с. 9-67].

1. Расонидани лаблубуи қанд аз замини кишт то корхона. Донистан ҳатмӣ аст, ки дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон радиуси имконпазири фоиданок (оптималӣ) барои корхонаи истеҳсоли шакар аз тарафи мутахассисони логистика дар масофаи 60–70 км бо қобилияти борбардороиаш 50-60 тонна муайян карда шудааст (масалан, дар Федератсияи Русия ин масофа то 100 км-ро дар бар мегирад).

Таҷрибаҳои бештари ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар атрофи корхона ташкил намудани дигар корхонаҳои хурди (корхонаҳои фермерӣ, коркарди ширӣ, коркарди ахлоти чорво ва ба заминҳои корами лабалабузор расонидани он ҳатмист) ёрирасон ташкил кардан, фоидабахш мебошад. Ин ҷараён ба таври нақшавӣ дар расми 2.2.1 оварда шудааст (ниг.: ба расми 2.2.1).

Ҷараёни истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд чор хусусияти асосӣ дорад. Кишти маҳсулот, баъдан коркарди он, маҳсулоти асосӣ ба истеъмол ва фурӯш, боқимонда тилф ва мураббо ба фермаҳо равона мегарданд. Аз фермаҳо бошад, боз боқимондаи он (порӯи чорво) ба замин, ки ягон партов надорад ва бениҳоят самарабахш мебошад. Амалияи ин ҷараён нишон медиҳад, ки фермаҳои чорво дар назди корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ташкил карда шаванд, дар умум, фаъолияти ин навъи корхонаҳо боз ҳам самарабахш шуданашон мумкин аст.

Гурӯҳи маҳсулоти асосӣ:

1.Дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаблабуи қанд аз 15 то 20 дарсад шакар истеҳсол кардан, имконпазир аст. Зиёдшавии миқдори қанднокии лаблабуи қанд аз коркарди агротехникӣ, ба амал баровардани киштгардон ва аз истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ вобаста (бо меъёри муайян кардаи истифодаи онҳо) вобаста аст. Бо дарназардошти миқдори камтарини (минималии) қанднокии лаблабуи қанд дар корхонаи шакаристеҳсолкунӣ аз як тонна лаблабуи қанд 150 кг шакар гирифта мешавад. Чӣ тавре дар боло гуфта гузаштем, дар ҳолати фаъолият намудани корхонаи истеҳсоли шакар бо иқтидори коркарди 500 тонна шакар дар як шабонарӯз, 630 000 тонна лаблубуи қанд лозим аст. Аз ин миқдор 90 000 тонна шакар ва дигар маҳсулоти иловагӣ гирифта мешавад.

Тибқи таҳлилҳои мутахассисону коршиносони созмони бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид соли 2021 дар миқёси сайёра аз лиҳози таъминот ба озуқаворӣ яке аз солҳои вазнинтарин дар сад соли охир мегардад. Иловатан, беш аз 270 миллион нафар одамон дар даҳҳо кишвари дунё бар асари буҳрони шадиди иқтисодию молиявӣ, афзоиши бесобиқаи бекорӣ, камчин гардидани маводи ғизоӣ ва болоравии нархҳо ба вуҷуд омадани гуруснагӣ ва фақр гирифтор мешаванд [1].

Бинобар ин, мо бояд таъкидҳои Пешвои муаззами миллатро ба назари эътибор гирифта, барои киштукор, фаъолияти пурсамар гирифтани ду-се ҳосил аз як замин омодагии ҳамарафа дида, бештар маҳсулоти босифати кишоварзӣ истеҳсол карда, амнияти озуқаворecho мамлакат ва талаботи мардумро бо маводи ғизоӣ боз ҳам беҳтар таъмин намоем.

Хулоса, парвариш ва коркарди лаблабуи қанд ба таъсиси ҷойҳои кории нисбатан сердаромад мусоидат карда, имкониятҳои молиявии хоҷагиҳо, кишоварзон ва давлатро тавассути бандҳои зерини нишондодашуда мусоидат менамояд:

–таъмини истифодаи самараноки заминҳои обӣ (парвариши лаблабуи қанд метавонад ба кишоварзон нисбати кишт ва парвариши донагиҳо 5-6 маротиба ва нисбати пахта 2-3 маротиба фоидаи зиёд диҳад, ки ин дар мавриди истеҳсол намудани шакар аз он мебошад);

–имкони ҷамъоварии андозҳо аз ҳисоби коркарди саноатии лаблабуи қанд ва истеҳсол намудани шакар аз он дар ҷараёни истеҳсолот пайдо мегардад.

Инчунин, баъзе лоиҳаҳои дигари муфидро дар заминаи фаъолияти корхонаи коркарди лаблабу таҳия ва татбиқ намудан мумкин аст, ба монанди таҳия ва татбиқи лоиҳаи рушди соҳибкории наздиҳавлигии деҳот (ҷалби занони хонанишин ба парвариши чорвои ширдеҳ) дар заминаи лоиҳаи парвариш ва коркарди лаблабуи қанд ва бунёди корхонаҳои коркарди шир.

Парвариш ва коркарди саноатии лаблабуи қанд ба рушди дигар самтҳои хоҷагии халқ мусоидат менамояд, ба мисли:

–шароити хуб барои рушди чорводорӣ ва коркарди маҳсулоти чорво фароҳам мешавад (ташкили фермаҳои чорвои калони ширдеҳ, парандапарварӣ, корхонаҳои коркарди шир ва гӯшт);

–фаъолияти ширкатҳои боркашон (натанҳо нақлиётӣ, балки фаъолияти роҳҳои оҳан) тақвият меёбад, чунки зарурати интиқоли ҳаҷми зиёди бор лозим мешавад; истеҳсоли шакар неруи барқи зиёдро талаб менамояд ва дар фаслҳои тобистону тирамоҳ ҳаҷми барқи зиёди истеҳсолшавандаро дар ин фаъолият сарф кардан мумкин аст;

–бо мақсади муҷаҳҳаз намудани истеҳсолоти навташкилшаванда дар корхонаҳои мошинсозии ҷумҳурӣ қисми зиёди таҷҳизоте, ки содаанд ва имконияти истеҳсолиашон вуҷуд дорад, ба роҳ монда, ба ин васила ба рушди саноати мошинсози шароити мусоид фароҳам овардан мумкин аст;

–ҳангоми пурра фаъолият намудани корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанд дигар корхонаҳо барои коркарди маҳсулоти иловагӣ ва коркарди дуюминдараҷаи маҳсулоти асосӣ арзи вуҷуд карда метавонанд;

–инчунин, дар ҳолати пурра ба сомон расонидани марҳалаҳои истеҳсолии корхонаҳои шакар метавон ба кишварҳои ҳамсоя маҳсулот содир карда шавад.

Аз ҳамаи ин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолияти истеҳсолӣ ва ташкили корхонаи коркарди шакар аз лаблабуи қандро чунин оғоз намудан лозим аст:

–ҳарчи тезтар корҳои илмию таҳқиқотиро доир ба дарёфт намудани навъи лаблабуи қанди мутобиқ ба шароити Тоҷикистон (бо қанднокии зиёда аз 18 дарсад зиёд) оғоз намудан, лозим аст;

–технологияи парвариши лаблабуи қандро дар ҳамаи ноҳияҳое, ки замини обӣ доранд, таҷриба намудан, салоҳи кор аст;

–технологияи захира ва нигоҳдошти лаблабуи қандро дар муҳлати зиёда аз 90 рӯз барои ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳия намудан лозим аст;

–мувофиқи имкон корхонаи таҷрибавии коркарди лаблабуи қандро бо коркарди шабонарӯзии 500 тонна шакар дар як шабонарӯз сохтан, ба мақсад мувофиқ аст;

–дар асоси корҳои таҳқиқотӣ тавсияҳоро доир ба ноҳиябандии парвариш, технологияи парвариши лаблабу, технологияи захира ва нигоҳдошти лаблабу ва бунёди корхонаҳои коркардро омода намудан;

–дар ин самт мутахассисонро ба хориҷа барои омузиш фиристонидан;

–таҳияи нақшаҳои маблағгузории ташкили корхонаи истеҳсолӣ.

Агар мо ба нақша гирем, ки бештари категорияҳои заминҳои кишоварзии ҷумҳуриро ба кишти лаблабу машғул шаванду корхонаҳо сохта шаванд, барои истеҳсоли шакар самараи хуб дода наметавонад. Барои мо зироатҳои ғалладонагӣ ва инчунин, истеҳсоли пахта дар ҷойи аввал меистаду баъдан дигар зироату маҳсулоти коркардшаванда. Лекин мо роҳу усулеро фикр карда бароем, ки истеҳсоли як самти кишоварзӣ боиси мушкилоти дигараш нагардида, балки боиси пешрафти дигар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат гардад. Танҳо ин корро дар ҳолатҳои зерин дуруст мешуморему самаранокии бештар тавсия намуда метавонем:

- дар ҳосили дуюм ва ё баъди кишти дигар зироатҳо ҳосили дуюмро лаблабу кишт гардад;

- Кишти лаблабу ҳисоби кам кардани заминҳои зироатҳои хӯроки чорво ва ё ба кор даровардани заминҳои зериобӣ;
- аз ҳисоби заминҳои киштнашуда ва самаранокии камтар дошта, ки кам истифода бурда мешаванд;
- аз ҳисоби заминҳои партовҳо ва баъди ба истифодаи кишоварзӣ ворид кардани онҳо парвариш карда мешавад;
- инчунин, метавон аз ҳисоби заминҳое, ки лалмӣ ҳастанду онҳоро обёрӣ менамоем.

Ба ғайр аз ин, навъҳои лаблабуеро коркард карда бароем, ки дар муддати кӯтоҳ пухта расида, ба шароити имрӯза тобовар бошанд. Яъне тавассути ин кор метавон кишти лаблабу ба роҳ монда шавад.

Бунёди корхонаҳои истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд барои:

–ташкил намудани корхонаҳои хурд барои истеҳсоли шакар дар ҷумҳурӣ ҳамчун маҳсулоти ватанӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи санитарию беҳдоштӣ;

-ба роҳ мондани истеҳсоли хӯроки чорво, ки яке аз самтҳои муҳимми соҳаи чорводорӣ;

–ташкили корхонаҳои хурд (ба ғайр аз корхонаҳои истеҳсоли шакар) ва калони агросаноатӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар;

таъсиси фермаҳо ва ба роҳ мондани корхонаҳои хурди истеҳсоли гӯшт ва шир;

–зиёд намудани маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ бо нархҳои дастраси аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

## АДАБИЁТ

1. Паёми шодбошии Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати соли нави мелодии 2021. Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.

2. Бобокалонов Исомат. И-87. Асосҳои назарияи иқтисодӣ./ Китоби дарсӣ барои тахассусҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. Қисми дуюм/. Нашри чоруми такмилёфта. Душанбе: Нашриёти Бухоро, -2015, 485 саҳ. С. 526

3. Базаи фурӯши молҳои Агробизнес инчунин, фурӯши шакар. Ва ин сайт TCI-Eastagri@fao.org.

4. Гулаҳмад Раҳмихудоев. Биохимияи растаниҳои кишоварзӣ (дастури таълимӣ). Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2013.146 саҳ.

5. Ж.И. Орлова. Всё об овощах. –Москва: Агропромиздат, 1986. – 222 с.

6. Целевая программа развития агропромышленного комплекса в Республике Казахстан на 2013–2020 годы (Агробизнес, 2020) Астана-2012г-97.

7. Новицкий И. Выращивание сахарной свеклы: особенности посадки и ухода //Растениводство, 2016. - №4. – с.256.

8. Салиов А.Ф., Бобохонов Р.С., Неъматуллоев З.С. Технологияи умумии консервакунонӣ, -Душанбе: Ирфон, 2011, 232 саҳ.

9. Сапронов А.Р. Технология сахара. Одобрено Учёным советом Государственного комитета СССР по профессионально-техническому образованию в качестве учебника для средних профессионально-технических училиш. –Москва: Лёгкая и пищевая промышленность, 1983. 232 ст.

10. https://www. Latifundist.com (санаи гирифтани ахбор 27.11.2019) ва Sugar.ru (санаи гирифтани ахбор 20.02.2020).

## ХОЗЯЙСТВЕННЫЕ ПРОЦЕССЫ И ПРОИЗВОДСТВО САХАРА ИЗ САХАРНОЙ СВЕКЛЫ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ

**РУСТАМДЖОНИ САИДУЛЛОИ КУЗРАТЗАДЕ,**
начальник управления анализа макроэкономических вопросов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734024, Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: +901-31-38-68; e-mail: caidullozoda1992@mail.ru

**СУЛТОНОВ СОТИМ СУЛТОНОВИЧ,**
ассистент кафедры экономики и управления технического колледжа ДТТ им. А. Осими
734042, Таджикистан, г.Душанбе, улица С.Айни 41;
тел: +904395909; e-mail: stim-90.90@mail.ru

*Сахар является одним из продуктов, который необходим экономике Республики Таджикистан на 100% его импорта из-за границы. О важности производства сахара дополнительно свидетельствует необходимость четвертого шага - быстрой индустриализации, поскольку предприятие по производству сахара считается предприятием пищевой промышленности. В то же время переход от аграрно-промышленного государства к индустриально-аграрному означает, что доля промышленной продукции в общем внутреннем продукте (ВВП) страны должна быть выше количества аграрной продукции в нем. С учетом этого в данной статье собраны все теоретические и методологические аспекты и опыт увеличения производства ведущих стран.*

***Ключевые слова:*** *сахар, производство, эффективность, сахарная свекла, завод, комбикорма, побочные продукты, переработка, реальная стоимость.*

## ECONOMIC PROCESSES AND SUGAR PRODUCTION FROM SUGAR BEET AS A FACTOR OF ENSURING FOOD SECURITY AND INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**RUSTAMJONI SAIDULLOI QUZRATZODA,**
Head of the Department for Analysis of Macroeconomic Issues, Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 901-31-38-68; e-mail: caidullozoda1992@mail.ru

**SULTONOV SOTIM SULTONOVICH,**
Assistant at the Department of Economics and Management of a Technical College TTU. named after A. Osimi
734042, Tajikistan, Dushanbe city, S. Aini street 41;
tel.: (+992) 904-39-59-09; e-mail: stim-90.90@mail.ru

*Sugar is one of the products, the need of the economy of the Republic of Tajikistan in this product is satisfied by 100% at the expense of its import from abroad. The importance of sugar production is further evidenced by the need for the fourth step - rapid industrialization, since a sugar production plant is considered a food processing enterprise. At the same time, the transition from an agrarian-industrial state to an industrial-agrarian state means that the share of industrial products in the total domestic product (GDP) of the country should be higher than the amount of agricultural products in it. Taking this into account, this article contains all the theoretical and methodological aspects and experience of increasing production in leading countries.*

***Keywords:*** *sugar, production, efficiency, sugar beets, plant, feed, by-products, processing, real cost.*

**УДК: 336.225.513**

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ, ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

**ОДИНАЕВ АМИН ИБРОҲИМОВИЧ,**
сардори Раёсати таҳлилӣ масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусии МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел. (+992) 988-55-26-90

*Дар мақола таҷриба ва хусусиятҳои низоми андозбандии кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди соҳибкории инноватсионӣ, таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Дар ин замина, муаллиф бо далелҳои илман асоснокшуда исбот намудааст, ки чун дигар кишварҳо ҷорӣ намудани низоми регрессивии андозбандӣ ба рушди корхонаҳои навтаъсиси инноватсионӣ таъсири мусбат хоҳад расонид.*

*Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки сарбории пасти андоз ва имтиёзу сабукиҳои ҷойдошта, агар аз як тараф, ба пайдо кардани мавқеи устувори соҳибкорон дар бозорҳои дохиливу минтақавӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии молу маҳсулот мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, ба коҳиш ёфтани сатҳи иқтисоди соягӣ ва аз байн рафтани пинҳонкории даромад аз ҷониби соҳибкорон мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми андозбандӣ, соҳибкории инноватсионӣ, амнияти иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, танзими давлатӣ, низоми регрессивии андозбандӣ, корхонаҳои хурд, хатҳои нави технологӣ.*

Дар шароити муосир, татбиқи васеи инноватсия аз ҷумлаи омилҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ намудани хатҳои нави технологӣ дар заминаи дастовардҳои илмию техникӣ, шаклҳои ташкили меҳнат ва идоракунӣ, бахусус дар самти соҳибкории хурду миёна, аҳаммияти бузург дорад. Зеро дар шароити кунунӣ маҳз тавассути корхонахои хурд татбиқи ҳарчи бештари натиҷаҳои илм дар истеҳсолот имконпазир буда метавонад.

Чунонки аз таҳлилҳо бармеояд, ҳоло накши соҳибкории хурд дар нишондиҳандаҳо асосӣ рушди кишвар нисбат ба мамлакатҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта хеле паст буда қиёснашаванда аст. Ҳатто Федератсияи Русия, ки дорои зарфиятҳои зиёди иқтисодию молиявӣ аст, аз лиҳози

шумораи соҳибкории хурд нисбат ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико–93 баробар, Ҷопон–7,7 баробар ва Итолиё 4,7 баробар қафо мебошад. Аз рӯйи ҳиссаи соҳибкории хурд дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз Фаронса 5,6 маротиба ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико–4,7 баробар, инчунин, аз ҷиҳати машғул будан ба фаъолияти соҳибкории хурд аз Ҷопон 8,1 баробар, Итолиё 7,6 баробар, Фаронса 5,6 баробар ва ИМА 4,7 маротиба фарқ мекунад [1].

Дар заминаи рақамҳои баёнгардида, қайд кардан зарур аст, ки дар ин кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии давлатии соҳибкории хурд на ҳамеша мақсаднок сурат мегирад, бинобар ин, самаранокии рушди ин бахш ба қадри кофӣ таъмин нест.

Ҳоло дар дар кишварамон дар роҳи рушди соҳибкории хурду миёна масъалаҳои зиёди ҳалталаби хусусияти молиявӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ мавҷуданд, ки онҳоро тавассути истифодаи самараноки воситаҳои танзими давлатӣ, аз ҷумла татбиқи самараноки сиёсати андозӣ, ҳал кардан мумкин аст. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи андозбандии фаъолияти соҳибкории хурд дар кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ниҳоят муҳим ва саривақтӣ аст.

Дар марҳалаи хозира баланд бардоштани нақши соҳибкории хурд дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ тасодуфӣ набуда, балки як намунаи зарурие мебошад, ки аслан тавассути рушди илму техника ва талабот ба маҳсулоти илмталаб ба вуҷуд омада аст.

Ҷанбаи муҳими андозбандии соҳибкории хурд меъёри хурд эътироф намудани корхонаҳо мебошад. Ҳол он, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ принсипҳои умумии муайян кардани чунин меъёр вуҷуд надоранд. Меъёрҳои асосии муайян намудани корхонаҳои хурд ҳаҷми гардиши иқтисодию хоҷагидорӣ ва шумораи кормандон ба ҳисоб меравад. Масалан, дар Фаронса ба ҳайси корхонаҳои хурд шикркатҳое баромад мекунанд, ки шумораи коргаронашон, аз ҷумла корхонаҳое, ки ба фурӯши маҳсулот машғуланд, 10 нафар ва ширкатҳои истеҳсолӣ 50 нафар, ҳаҷми гардиши муомилоти онҳо на беш аз 3,5 миллион франк, аз ҷумла барои истеҳсолкунандагон на зиёда аз як миллионро ташкил медиҳад [2].

Дар Британия ба сифати корхонаҳои хурд, ширкатҳое шинохта мешаванд, ки шумораи кормандонашон 24 нафар ва гардиши муомилоти солонаашон на бештар аз 400 миллион фунт стерлинг бошад. Ҳоло дар ин кишвар аз шумораи умумии корхонаҳои хурди амалкунанда 96 дарсадашро ширкатҳои хусусӣ ташкил медиҳанд [3].

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба категорияҳои корхонаҳои хурд ширкатҳое шомил карда мешаванд, ки шумораи кормандонашон то 500 нафар, ҳаҷми миёнасолонаи даромад 3–2 миллион доллар ва ҳаҷми дороиҳояшон бошад, на бештар аз 5 миллион доллари амрикоӣ бошад.

Ҳоло чунин ширкатҳо 99 дарсади тамоми ширкатҳои амрикоиро ташкил медиҳанд [4].

Дар ин кишварҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта, хусусиятҳои фаъолияти соҳибкории хурд бо дарназардошти хусусияти андозбандӣ, ки ҷиҳати рушду тараққиёти дарозмуддати иқтисодиёт нигаронида шудааст, муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 1.**

**Гурӯҳбандии фаъолияти соҳибкории хурд дар кишварҳои хориҷӣ**

| Кишварҳо | Шумораи кормандон, на бештар | Гардиши солона |
|---|---|---|
| Британия | 24–99 нафар (то 250 нафар дар саноат | 400 ҳазор фунт стерлинг |
| Белгия | 100 нафар | 145 млн. франки белгиягӣ |
| Фаронса | 200 нафар | 3,5 млн. франк |
| Олмон | 500 нафар | то 11,5 млн. евро |
| Люксембург | 100 нафар | 60 ҳазор франки люкс |
| Ҷопон | 100 (на зиёда 300 дар саноат) | 30 млн. иен (то 100 млн. саноат) |
| ИМА | 500 нафар | 3–12 млн. долл. |
| Канада | 100 нафар | 2–20 млн. долл |
| Чин | 100 нафар | 300 ҳазор юан |

***Манбаъ:*** *Ҷадвал дар асоси Explanatory Notes to the OECD Tax Database, 2005. www.oecd.org/dataoecd//Соҳибкории хурд ва рушди минтақавӣ дар кишварҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта— М., 2007 — С.18–20. таҳия гардидааст [5].*

Дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳангоми истифодаи низомҳои махсуси андозбандӣ ҳадафҳои гуногун пеш гирифта мешаванд. Ҳамзамон, ҳолатҳои марбут ба чунин андозбандӣ низ гуногунанд, аз ҷумла вобаста ба донишҳои молиявию иқтисодӣ ва ҳуқуқии андозсупорандагон, имкониятхои назорат ва маҷбуркунӣ аз ҷониби мақомоти андоз, инчунин, дараҷаи коррупсионии мақомот фарқ мекунанд.

Ҳамаи инро равишҳои гуногуни низоми андозбандии корхонаҳои хурде, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, муайян мекунанд. Воқеан, усулҳои андозбандии соҳибкории хурд вобаста ба кишвар, мақсад ва шароите, ки дар он татбиқ мешаванд, ба андозаи кофӣ фарқ доранд. Маҳз аз ин сабаб, яъне ҷойдоштани фарқҳои калон дар низоми андозбандии кишварҳои пешрафта ва муқоисанашаванда будани онҳо, хосиятҳои умумиро дар ин самт ҷудо кардан, хеле душвор аст.

Қобили зикр аст, ки яке аз муҳимтарин имтиёзҳои мустақим барои тиҷорати хурд дар кишварҳои пешрафта кам кардани меъёри андоз аз

даромад мебошад. Татбиқи чунин имтиёз аслан ҳангоми баланд гардидани меъёри андоз ҷорӣ карда мешавад.

Меъёрҳои пасткардашудаи андозбандӣ барои соҳибкорони хурду миёна дар кишварҳои Белгия, Канада, Финландия, Ҷопон, Люксембург ва Британия бештар татбиқ мешаванд. Дар ин кишварҳо ба ғайр аз ин ба сифати имтиёзҳои алоҳида барои соҳибкории хурд талаботи камтари андоз ва баҳисобгирӣ метавонанд татбиқ карда шаванд. Илова бар ин, тартиби пешниҳоди ҳисоботи гуногунро хеле осон кардан мумкин аст.

Омӯзиш ва таҳлилу арзёбии таҷрибаи кишварҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта дар соҳаи танзими андози фаъолияти соҳибкории хурд нишон медиҳад, ки истифодаи меъёрҳои прогрессивии андоз дар доираи низоми умумии муқарраршудаи андозбандӣ, аз ҷумлаи имтиёзҳои асосӣ ба рушди соҳибкории хурд, ба ҳисоб меравад.

Тахти мафҳуми андози регрессивӣ–низоми андозеро мефаҳманд, ки дар он меъёри миёна бо афзоиши маблағи андозбандишаванда коҳиш меёбад. Яъне ин маънои онро дорад, ки баробари зиёд шудани даромади агенти иқтисодӣ, меъёри андозбандӣ паст мешавад ва агар ҳаҷми даромад баръакс кам шавад, меъёри андозбандӣ меафзояд.

Ҳамин тавр, чунин низоми андозбандӣ сарбории андози ашхоси қобилияти пардохти баландтардоштаро коҳиш медиҳад, чунки онҳо бори нисбиро бештар ба дӯши одамони дорои қобилияти пардохти паст мегузоранд. Андозаи регрессивии андозбандӣ ба ширкатҳои хурди навтаъсис имкон медиҳад, ки меъёрҳои ҳадди ақали андоз аз даромадро истифода баранд. Дар қиёс бо кишварҳои Ғарб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри регрессивии андозбандӣ барои соҳибкорони хурду миёна нисбатан камтар пешбинӣ намудааст, ки ин ба фаъолияти соҳибкории хурд таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи нисбатан пасти маданияти андозӣ то ба ҳол ҷой дорад.

Бинобар ин, имтиёзҳои иловагӣ ва паст кардани меъёрҳо дар доираи низоми содакардашудаи андозбандӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад (васеъ намудани базаи андозбандӣ ва зиёд намудани ҳаҷми воридоти андоз).

Дар самти ҳавасманд гардонидани фаъолнокии иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурд пардохти андоз аз даромад нақши муҳим дошта, яке аз самтҳои асосии низоми андозбандиро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар аксар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Шветсия, Шветсария, Дания, Олмон, Австралия, Британия ва ИМА субъектҳои соҳибкории хурд аз меъёрҳои прогрессивии андоз аз даромад васеъ истифода мебаранд [6].

Инчунин, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, сарфи назар аз кам шудани имтиёзҳо ва оптимизатсияи онҳо, механизмҳои ҳавасмандгардонӣ

вобаста ба ташаккули ҷамъиятҳои саҳомии навтаъсис, хусусан дар соҳаҳои дорои технологияҳои баланд, нигоҳ дошта мешаванд.

**Ҷадвал 2.**

**Тавсифи нишондиҳандаҳои асосии рушди корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар кишварҳои аз лиҳози иқтисоди пешрафта**

| | |
|---|---|
| Ҳиссаи корхонаҳои хурди инноватсионӣ (КХИ) дар шумораи корхонаҳои хурд, % | 80 |
| Ҳаҷми навигариҳои ба вуҷуд овардашуда дар КХИ, % | 30 |
| Ҳаҷми корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳияи лоиҳаҳо дар КХИ | 20 |
| Саҳми КХИ дар саноати коркард, % | 15 |
| Шумораи лоиҳаҳои таҳия ва татбиқгардидаи КХИ | 60 |

**Манбаъ:** составлено автором по: 1. Данные официального сайта Общероссийской общественной организации «Опора России» www. opora. ru.; 2. Мельник А.М. Малый бизнес и региональное развитие в индустриальных странах [7]

Ҳоло ин нишондиҳандаҳо натанҳо дар кишвар мо, балки дар кулли кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Федератсияи Русия, хеле паст ба назар мерасад. Тибқи таҳлилҳо, ин рақамҳо дар Русия мутаносибан 5–6, 5, 2, 2,3 дарсадро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба кишварҳои Ғарб аслан муқоисанашаванда мебошад.

Масалан, дар Фаронса корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар давоми ду соли аввали фаъолият пурра аз пардохти андоз аз даромад озод карда мешаванд. Дар соли сеюм 25 дарсад, соли чорум 50 дарсад, соли панҷум 75 дарсад андозбандӣ шуда, танҳо соли шашум андози даромадро пурра месупоранд [8].

В связи с потребностью экономической жизни Таджикистана и имеющихся его возможностей в данной области, сопоставления социально-экономических проблем нашей республики с другими странами, в настоящем этапе развития Таджикистана, целесообразно определение вышеуказанных 4 приоритетных научно-технических направлений. Нужно констатировать, что подготовка и принятие данного документа можно оценить как начало реформы научной системы, это послужит основой вхождения в новый этап развития науки и техники в республике.

**АДАБИЁТ**

1.Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» 16.04.2017 majmilli (АМОҶТ с.2015, №3, мод.219)

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф». –Душанбе, 2016

3.Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2020 года

4.О состоянии и приоритетных направлениях системы образования и науки в республике Казахстан. http://900igr.net/kartinka/pedagogika/o-sostojanii-i-prioritetnykh-napravlenijakh-sistemy-obrazovanija-i-nauki-v-respublike-kazakhstan-157407.html-20.05.2020

**5.** Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалї Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018

6.Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении Наименований приоритетных направлений научных исследований в Республике Таджикистан на 2007 – 2009 годы» от 30 июня 2007 года, №333

7.Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении Наименований приоритетных направлений научных исследований в Республике Таджикистан на 2010 - 2012 годы и технологического каталога Республики Таджикистан» от 30 марта 2010 года, № 167

8.Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Наименовании приоритетных направлений развития науки, техники и технологий в Республике Таджикистан на 2015-2020 годы» от 4 декабря 2014 года, №765

9.Приоритетные направления развития науки, технологий и техники в Российской Федерации. http://kremlin.ru/supplement/987

10.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар. 18.03.2020, шаҳри Душанбе.

## АФЗАЛИЯТҲО ДАР ИЛМ – РОҲ БА СӮЙИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕА

**ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ,**
доктори илми фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992 37) 221-32-56; 918-20-04-15

**ИСМАТОВА ЗАРРИНА БОБОМУРОДОВНА,**
мутахассиси пешбари Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025 Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992 37) 221-32-56; 918-98-22-33

*Самтҳои афзалиятноки рушди илм тамоюлҳои илмию техникие мебошанд, ки барои татбиқи ҳадафҳо, вазифаҳо ва пешомадҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Зарурати муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама, аз талаботи мавҷуда ба соҳаҳои мушаххаси ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии давлат бармеояд. Равияҳои мазкур аз кумакҳои иловагии давлат, аз ҷумла дастгирии молиявӣ, таҳкими пояи моддию техникӣ, иқтидори кадрӣ ва ғайра бархӯрдор шуда, бо анҷоми таҳқиқоти пешбинишуда, ки ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳанд намуд, ба пешрафти онҳо такони ҷиддӣ мебахшанд. Бояд тазаккур дод, ки ҳадафи асосии ташаккул ва татбиқи самтҳои афзалиятноки илм дар Тоҷикистон дақиқ намудани тамоюли рушди комплекси ватании илмию техникӣ ва низоми миллии инноватсионӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва тамоюли ҷаҳонии рушди илм мебошад, ки дар ин мақолаи мазкур мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожахо:*** *илм, маориф, кадрҳои илмӣ, захираи зеҳнӣ, илм ва техника, самтҳои афзалиятноки илм, иқтисоди миллӣ, сармояи инсонӣ.*

# PRIORITIES IN SCIENCE – THE PATH TO SUSTAINABLE SOCIETY DEVELOPMENT

**QURBONOV ABDURAHMON SHEROVICH,**
Doctor of philosophy science, Head of the Department of analysis
of social issues of the Center for strategic researches under
the President of the Republic of Tajikistan
734025 Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
тel: (+992 37) 221-32-56; 918-20-04-15

**ISMATOVA ZARRINA BOBOMURODOVNA,**
Leading Specialist of the Department of analysis of social issues of the Center
for strategic researches under the President of the Republic of Tajikistan
734025 Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
Tel: (+992 37) 221-32 -56; 918-98-22-33

*Priority directions for the development of science are scientific and technical trends that are of paramount importance for the implementation of current goals, objectives, and prospects for socio-economic and scientific and technical development. The necessity to determine priority areas of scientific research, first of all, comes from the existing demand in specific directions of the economic and socio-political life of the state and means that these directions enjoy additional state support in terms of financial support, strengthening the material and technical base, personnel potential, etc. and upon completion of the planned research, contributing to the solution of existing problems of socio-economic life of the republic, give a serious impetus to their development, as well as to the development of the scientific and technological development of the country. It is necessary to emphasize that the main purpose of formation and realization of priority directions of science in Tajikistan is specification of tendencies of development of domestic scientific and technical complex and national innovation system taking into account national interests and world tendencies of science development, which are investigated in this article.*

***Keywords:*** *science, education, scientific personnel, intellectual resources, science and technology, priority areas of science, national economy, human capital.*

**УДК:17**

# ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ЗАМОНАВӢ ВА ТАРҒИБИ КАСБУ ҲУНАР МАСОИЛИ МЕҲВАРИИ ТАЪЛИМОТИ МАОРИФПАРВАРӢ-ИСЛОҲТАЛАБИИ МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ

**САМИЕВ БОБО ҶУРАЕВИЧ,**
доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа
ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003,Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121;
тел.: (+992) 918-67-01-43; e-mail: samiev.veshab@mail. ru;

*Истилоҳи “маорифпарварӣ” аз решаи калимаи “маориф” ва дар шакли ҷамъ “маърифат” таркиб ёфта, маънояш илму дониш, шинохтан, донистан, фаҳмидан ва биниширо дорад. Махсусан, Мирзо Сироҷи Ҳаким аз зумраи маорифпарварони шинохтаи тоҷик идомадиҳанда ва таблиғгари андешаҳои ислоҳоти иҷтимоии Аҳмади Дониш мебошад. Дар таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маорифпарварӣ-ислоҳотхоҳии ӯ масъалаи илмомӯзӣ ва аз худ кардани касбу пеша аз мавзуҳои калидӣ ба ҳисоб меравад, ки онҳоро маорифпарвар маҳак, маншаи асосии пешрафт ва дурнамои рушди ҷомеа меҳисобад. Чунки аҳли илм, касбу ҳунар пешбарандаи ҷомеа, танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, барои некуаҳволии мардум, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, рушди фарҳанги манзилдорӣ, иқтисодию хоҷагидорӣ ва ғайра саҳми бузург мегузоранд.*

*Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш менамояд, ки афкори маорифпарварӣ-ислоҳотхоҳии Мирзо Сироҷи Ҳакимро дар асоси такя намудан ба асари пурарзиши ӯ “Туҳафи аҳли Бухоро” мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода, ҷойгоҳи илмомӯзӣ ва азхуд кардани касбу ҳунарро, ки асоси рушди ҷомеа мебошанд, нишон диҳад. Бавижа, тамоюлгиррии андешаҳои маорифпарварро дар доираи ду самт: анъанагароӣ ва навҷӯихоҳӣ таҳлилу баррасӣ намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *инсон, ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, илм, маориф, маорифпараварӣ, ислоҳталабӣ, анъанагароӣ, навҷӯӣ, тағйиротҳои иҷтимоӣ, пешрафт, таназзул ва ғайра.*

Маорифпарварӣ, аз як тараф, тарзи тафаккур, ҷаҳонбинии нав, равияи хос дар афкори иҷтимоӣ–фалсафӣ мебошад, ки дар фарҳанги ҷомеа зуҳур карда, ҳамчун идеология дар мубориза бар зидди сохти феодалӣ ва муносибатҳои архаистӣ баромад мекунад. Маорифпарвар он рӯшанфикре

маҳсуб меёфт, ки дар осору амалиёти вай вазъи умумии ҷомеа дар шакли таҳлили илмӣ, фалсафӣ баррасӣ ва тарҳрезӣ мегашт. Аз тарафи дигар, "маорифпарварӣ тарғибкунанда ва паҳнкунандаи илму дониш, арзишҳои фарҳангӣ дар байни мардум ва маърифатнок кардани омма мебошад". [2, с.10-11]

Аз ин ҳадафҳои пешгузошта бармеояд, ки кӯшиши маорифпарварон тағйир додани ҷомеа бо воситаи пешниҳод ва татбиқи ғояҳои сиёсӣ, маърифатӣ, шабеҳ ба озодӣ, баробарӣ, ҳамдилӣ, ягонагӣ, риояи адолати иҷтимоӣ, инкишофи илму маориф, касбазхудкунӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои инсонӣ мебошад. Маҳз бо идеалҳои сиёсию маърифатии худ, аз қабили: озодӣ, баробарӣ, дӯстӣ, тифоқӣ, барқарорӣ ва риояи адолати иҷтимоӣ, рушди илму маърифат, азхуд кардани касбу ҳунар мехост дигаргунсозиву навҷӯйиҳоро дар ҷомеа амалӣ намояд.

Донишманди маъруфи тоҷик Аҳмади Дониш бунёдгузор ва намоёнтарин чеҳраи равияи маорифпарварӣ ва нахустмуслиҳи дини ислом дар Осиёи Миёна буда, ҳамсон ва дар як давра мисли бунёдгузорони ҳаракати маорифпарварӣ–ислоҳотхоҳии Шарқи исломӣ, аз қабили Рифоъа Рофеъ-ат-Таҳтовӣ (1801-1873), Саид Ҷамолиддини Афғонӣ (1839-1897), Абдураҳмон -ал-Кавокибӣ (1849-1910), Зайнулобидини Мароғӣ (1839-1910) ва дигарон, ки саромадон ва ислоҳталабони кишварҳои худ буданд, мардумони Осиёи Марказиро бо воситаи маърифатнок кардан ба муборизаи фаъол алайҳи тарзи зиндагии асримиёнагӣ, дифоъ аз ҳуқуқу озодӣ, раҳоӣ ёфтан аз шуури тақлидии динӣ даъват намуда, мактаби фикрии худро таъсис медиҳад. [1, 2, 8, 10]

Ё худ чӣ тавре осори гаронбаҳо ва ақидаҳои навҷӯёнаи Ҷамолиддини Афғонӣ ӯро ҳамчун Падари Ренесанс дар байни мардуми мусалмони Шарқ машҳур гардонид, ҳамин гуна осори пурарзиш ва навҷӯйиҳои афкор Аҳмади Донишро ҳамчун бунёдгузори равияи маорифпарварӣ ва нахустмуслиҳи дини ислом дар Осиёи Марказӣ шуҳратёр намуд.

Барҷастатарин аъзои ин мактаби фикрии Аҳмади Дониш ҳамасрон ва ҳаммаслакони ӯ: Шамсиддин Шоҳин, Возеҳ, Ҳайрат, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ба ҳисоб рафта, баъдан ғояҳои пешқадами онҳо дар мавриди ба кишвари пешрафта ва тараққикарда табдил додани аморати Бухоро аз ҷониби насли дуюми маорифпарварӣ: Садриддин Айнӣ, Абдувоҳид Мунзим ва дигарон идома ва мавриди татбиқ қарор мегиранд. [1, 2, 3, 4, 5, 6, 8, 10]

Ғояҳои созанда ва озодандешонаи Мирзо Сироҷи Ҳаким, бавижа таваҷҷуҳи хосса додан ба илмомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар кардани аҳолӣ, худ ба худ бидуни ягон заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ ташаккул наёфтаанд, балки вазъи иҷтимоӣ-сиёсии давр ва низоми давлатдории амирони манғитӣ,

осори фалсафию ахлоқии мутафаккирони гузаштаи тоҷик, мутолиаи бардавоми маорифпаврар ва огоҳӣ пайдо кардани ӯ аз ҳаракатҳои озодихоҳии кишварҳои Шарқ сарчашмаҳои ташаккули афкори ӯ маҳсуб меёбанд. Инчунин, омӯзиш ва таҳқиқи осори маорифпарвар нишон медиҳанд, ки нақши сафарҳо дар ташаккул ва рушди афкори маорифпарварии Мирзо Сироҷи Ҳаким бешаку шубҳа, таъсири амиқ гузоштаанд ва асари бузургҳаҷми ӯ “Туҳафи аҳли Бухоро” маҳз дар асоси мушоҳидаҳо ва натиҷаҳои бардошта аз сафарҳояш таълиф ва рӯйи нашрро дидааст. Чунки пешрафтҳо ва муваффақиятҳое, ки кишварҳои ғарбӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба онҳо дастёб гаштаанд, аз ҷидду ҷаҳд, омӯзиши илмҳои замонавӣ ва азхуд кардани касбу ҳунарҳои зарурӣ вобастагӣ дошт.

Аз ин мавқеъ Мирзо Сироҷи Ҳаким илмомӯзӣ ва азхуд кардани касбу ҳунарро омили асосии ташаккули тафаккур, худогоҳӣ, пешрафти ҷомеа, бароварда кардани ҳадафҳои инсон мешуморад ва шахси нодону бекасбро бадбахт меҳисобад. Инъикоси ин андешаро маорифпарвар дар як саҳифаи рӯзгори худ, ки рабт ба зиндони кишвари Афғонистон дошт ва он ҷо пешаварон (мӯзадӯз, дукондор) шуғле доштанду аз он манбаи даромад пайдо карда, зиндагиашон беҳтар буд ва бекасбон ба рӯзгори вазнин гирифтор буда, ҳамеша азият мекашиданд, зикр мекунад. Зеро он замон ӯ низ ягон пешае надошт ва ба мисли дигар беҳунарони дар зиндонбуда аҳволи вазнину ногуворе дошт. Аз ин ҷост, ки Мирзо Сироҷ ба хулосае меояд, ки бояд касберо интихоб намояд, то ки аз ин вазъи ҳалокатбори зиндагӣ наҷот ёбад.

Мирзо Сироҷ ба баррасии масъалаи низоми дурусти таълиму тарбияи фарзанд таваҷҷуҳ зиҳир карда, онро вазифаи муҳимми волидайн, мактаб ва ҷомеа меҳисобад. Хусусан, вазифаҳои волидайнро дар ин раванд мушаххас карда, амалӣ кардани ду ҷанбаи онро дар мадди аввал зарур мешуморад: аввал, пайваста дар тарбияи фарзанд саъю кӯшиш намоянд ва дуюм тамоми имконоти моддиву маънавии худро ҷиҳати тарбияи фарзанди донишманду соҳибпеша сарф намоянд. [9, с.155]

Ин тамоюлгирии афкориислоҳотхоҳии Мирзо Сироҷи Ҳаким имрӯз низ мубрамияти худро аз даст надода, бо дарназардошти воқеияти ҷаҳони муосир такя карданро ба тарзи суннати тарбияи ахлоқӣ тақозо мекунад. Ин аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми дурусти раванди тарбия ва таълим яке аз самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлат ба ҳисоб рафта, заруратро барои таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба миён гузошт.

Мирзо Сироҷ дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтаи Аврупо, ки рӯ ба илм оварда, ба дастовардҳои зиёд нойил шудаанд, ақибмонии соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сатҳи пасти маърифати аҳолии аморати Бухороро таҳқиқ карда, онро бо ду далели воқеӣ асоснок менамояд: аввалан, аз

ташаккули шуури динии мардум ва пойбанди ақидаву фатвоҳои руҳониёни мутаассиб мондани аҳолӣ ва дуюм, аз тарафи маъмурони идораи давлатӣ дастгирӣ ёфтани мударрисон, ходимони муассисаҳои динӣ, ки зидди пешрафтҳо буда, шуури динии мардумро ташаккул медоданд.

Муҳаққиқи тоҷик Ҳ.Боқиев низ ин тамоюлгирии афкори озодандешии маорифпарварони тоҷик, бахусус Мирзо Сироҷи Ҳакимро мушаххас карда, чунин баҳои воқеӣ медиҳад: *"Ислоҳоте, ки маорифпарварони ибтидои асри ХХ, хусусан Мирзо Сироҷ пешниҳод намуда, барои он ба мубориза бархоста буданд, ба асосҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа низ дахл мекард. Аз ин ҷост, ки ҳаракати маорифпарварӣ саъю кӯшиш барои ташкили мактабҳои нав ва таълифи китобҳои дарсӣ равона намуда, ба муқобилати сахти уламои иртиҷоӣ, таассуби динии намояндагони равияҳои динӣ, муқобилати ҳукуматдорони маҳаллӣ ва ҳам мустамликавӣ рӯ ба рӯ омад".* [7, с.8]

Мирзо Сироҷ бо мақсади ислоҳи шуури динии ҳамзамононаш дар асари худ «Туҳафи аҳли Бухоро» саъй кардааст, ки дар доираи тавсифи мафҳуми маданият, дастовардҳои фарҳангӣ, пешрафтҳои ҷомеаҳои мутараққӣ, роҳҳои ислоҳи ин мушкилотро дар ҷомеаи феодалӣ ва ақибмондаи аморати Бухоро нишон диҳад. Маъмурон ва аҳолии кишварро ба илмомӯзӣ, касбазхудкунӣ ҳидоят намояд, то ки тавонанд барои пешрафти ҷомеа ба бунёди биноҳои истиқоматӣ ва давлатӣ, рушди ҳунари меъморӣ, сохтани шаҳрҳои нав, меҳмонхонаҳо, бозорҳои тарҳи замонавидошта ва боғу гулгаштҳо ва ғайра талош варзанд.

Барои тақвияти ин гуфта Мирзо Сироҷ дар мавриди тавсифи ҳунари меъмории шаҳрҳои Парижу Лондон, шаҳрҳои кишварҳое чун Шветсария, Эрон, Ҳиндустон ва дигар кишварҳои Ғарбу Шарқ маълумоти аҷиб медиҳад. Масалан, дар мавриди сохтмони меъмории шаҳри Берн, ки пойтахти Шветсария аст, чунин меорад: *«Машоаллоҳ, чӣ шаҳре, ки аз дидану тамошо кардани он шахс сер намешуд. Чӣ иморатҳои рафеъи зебо, чӣ манзараҳои дилкушо, чӣ боғчаҳои обод, чӣ гулзорҳои рангоранг, чӣ қасрҳои сар ба фалаки нилгун кашида ва аз нақшҳои дару девори он Монӣ ва Беҳзод хиҷил».* [9, с.81]

Ин тасвир далолат аз он мекунад, ки шукуҳу шаҳомат ва муваффақ гаштан ба ин дастовардҳои соҳавӣ маҳз аз маҳорати мутахассисони шаҳр вобастагӣ доштааст. Зеро шаҳрдорон ва масъулон барои ба ин сатҳи пешрафт расидан, ба масъалаи илмомӯзӣ ва азхуд кардани касбу ҳунарҳо мароқи ҷиддӣ зоҳир карда, мутахассисони чирадаст тарбия намудаанд. Аз ин рӯ, Мирзо Сироҷ мекӯшад, ки дар асари худ ободкориҳои ҳамаи шаҳрҳои дар сафар дидаашро тасвир карда, барои аҳолии аморати Бухоро пешкаш созад, то онҳо огоҳ шаванд, ки инсоният чӣ қудрате дорад ва аз дасти ӯ чӣ ҳунарҳое рӯйи кор меоянд. Масалан, маълум аст, ки биноҳои маъруфи Шарқи исломии асрҳои миёна, ба ғайр аз қасрҳо ва

хонаҳои шахсони сарватманд, асосан масҷидҳо, мадрасаҳо, мақбараҳои шахсиятҳои таърихӣ ва шайхҳои маъруф ба шумор рафта, аз ҳама ҷойҳои муқаддас ҳисобида мешуданд. Дар робита ба ин, Мирзо Сироҷ дар асараш ёдгориҳои меъмории ҷойҳои муқаддас–масҷиду мадрасаҳо, мақбараҳои шайхҳо, пешвоёни динро таърифу тавсиф менамояд. Аз ҷумла ӯ калисои Румии “Оя-София” («Софияи муқаддас»), ки ҳоло масҷиди мусулмонон аст, бинои мазори Аюби Ансорӣ, мақбараҳои ҳама халифаҳои империяи Усмониён (дар шаҳри Истанбули Туркия), бинои марқади Имом Ризо (шаҳри Машҳади Эрон), мақбараҳои шоирони маъруфи форусу тоҷик Шайх Саъдӣ ва Хоҷа Ҳофиз (шаҳри Шерози Эрон), бинои мақбараи Хоҷа Мулло Ҳодии Сабзаворӣ (шаҳри Сабзавори Эрон), мақбараи Абдуллоҳи Ансорӣ (шаҳри Ҳироти Афғонистон), манзилҳои боҳашамат ва қасри Алии Муртазо, халифаи чоруми рошидин (шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон), масҷиди Аврангзеб (шаҳри Деҳлии Ҳиндустон) ва боз чанд бинои боҳашамати дигарро, ки дар баъзе шаҳрҳои Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон ҷойгиранд, дар асараш тавсифу тасвир намудааст.

Бо тасвири ин дастовардҳо ва арзишҳои фарҳангии кишварҳои Шарқ маорифпарвар Мизо Сироҷи Ҳаким саъй мекунад, ки ба ҳамватанони худ нишон диҳад, ки дасти ҳунарофарии насли пешини ӯ ба сохтан ва ороиши чӣ иморатҳое қодир буд. Имрӯз бошад, таассубу хурофот ва побанди шуури тақлидии динӣ мондан, мардумро чӣ фарсахҳо аз омӯхтани илмҳои замонавӣ ва андӯхтани касбу ҳунарҳо дур сохтааст. Бояд аз тамаддуни гузаштаи худ ибрат гирем, ҳама гуна дастовардро бидъат наҳисобем ва ба тақдир ҳавола накунем, омӯзем, соҳибкасб шавем, таҷрибаро ғанӣ карда, барои рушди кишвар ва ҳаёти осудаи мардум ҳиссаи худро гузорем.

Умуман, Мирзо Сироҷ дар асараш биноҳои боҳашаматро чунон рангоранг тасвир менамояд, ки дар зеҳни хонанда пас аз мутолиаи он воқеият таҷассум мегардад. Бинобар ин, метавон дар симои Мирзо Сироҷ на танҳо як омӯзгор, балки ҳамчун як мунаққиди маъруф, ислоҳталаби сохти фарҳангию иқтисодии замони худро дид. Масалан, муаллиф ҳангоми сафар дар бораи масҷиди Аврангзеби шаҳри Деҳлӣ маълумоти муфассал дода, менависад: *“Масҷиди Аврангзеб яке аз масҷидҳои қадимӣ ва машҳур мебошад, ки онро тавсиф кардан, номумкин аст. Овозаи ин масҷид дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст. Дар ягон кишвари исломӣ чунин бино нест ва ҳеҷ гоҳ нахоҳад буд. Он дорои ду дарвозаи азим, бисту панҷ зинаи баланд ва мутаносибан, ҳамон як минтақаи таъсирбахш мебошад. Нишонае, ки дар дохили масҷид бо ишора ба*

*самти Макка ва навиштаҷот дар сангҳо тарзе сохта шудааст, ки инсон аз чунин санъат дар ҳайрат мемонад».* [9, с.57]

Тавре маълум мегардад, маорифпарвар на танҳо ба бунёди биноҳои муҳташам таваҷҷуҳ зоҳир карда, офаридаи дасти ҳунармандонро тавсиф мекунад, балки ба таърихи бунёди онҳо аҳаммият дода, изҳори миннатдорӣ нисбати ҳунармандону санъатшиносон мекунад, ки ин услуби кор ва таҳлилу таҳқиқ маҳз хосси онҳост. Ё худ маорифпарвар Мирзо Сироҷи Ҳаким дар мушоҳидаҳои бавоситаи худ услуб, тарроҳӣ ва тарҳрезии гармобаҳо (ҳаммомҳо)-ро дар шаҳрҳои Сабзавор, Трабзон, Париж, Истанбул, Хева ва ғайра таърифу тавсиф намуда, бо ин васила соҳибҳунар ва ба касбомӯзӣ мароқи зиёд зоҳир кардани аҳолии ин шаҳрҳоро нишон медиҳад. Аммо нуктаи ҷолиб ва таваҷҷуҳангези маорифпарвар дар ин маврид он аст, ки ӯ гармобаҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: тоза, тозаву озода ва ифлосу беэътино. Ба гурӯҳи аввал ӯ ҳаммомҳои шаҳрҳои Тифлис, Трабзон, Париж, Сабзавор, Истанбул ва дигар шаҳрҳои Аврупоро дохил менамояд. Ба гурӯҳи дуюм ӯ гармобаҳои шаҳрҳои Хеваи Хоразм ва Машҳади Эронро дохил менамояд. Масалан, ӯ дар мавриди гармобаҳои Истанбули Туркия аз ҷиҳати тозагӣ ва шароити обод онҳоро беҳтарин шуморида, қайд мекунад: *"Ман дар ҳаммомҳои он ҷойҳо будам, дар асл онҳо сазовори таҳсин ҳастанд, ҳама чиз дар дохили он тозаву озода аст. Дар мобайни ҳаммом як ҳавзи калони мармар ҷойгир аст, ки ҳамеша бо оби гарм пур карда мешавад. Дар як тараф нуқтаҳои оббозии мармарин мавҷуданд. Фарш, шифт ва деворҳо мисли барф сафеданд. Хизматгорон бо лавозимоти онҳо ба меҳмонон низ хидмат мерасонанд. Хонаҳои берун аз ҳаммом бо фаршҳои гаронбаҳо оро дода шуда, бо қолинҳои форсӣ пӯшонида шудаанд. Ҳангоми аз ҳаммом рафтан, хидматгорон бо либосҳои тоза тамоку, чилим ва қаҳва меоранд. Аммо, қимати ҳамаи ин сад манат аст».* [9, с.117]

Бар замми ин, маорифпарвар Мирзо Сироҷи Ҳаким бо овардани ин мисол таваҷҷуҳ ба фарҳанги муошírати байни кормандон бо ҳаммомиён, тозаву озода нигоҳ доштани муҳити гармоба, тарзи хизматрасонӣ дода, аз ин ҳунарҳо сабақи зарурӣ гирифтани мутахассисонро дар ҳар як тафсилоташ барои хонанда ва аҳолии аморати Бухоро нишонрас мегардонад, то ин тарзи хизматрасонӣ ва одоби муошират барои ҳамшаҳриёнаш дарси ибрат гардад.

Баръакси гармобаҳои Истанбул, муаллиф вазъи ҳаммомҳои Машҳади Эронро танқид мекунад: *"Ҳаммомҳои Машҳад бениҳоят сиёҳ ва ифлос буданд. Оби гарм дар онҳо лой ва гилолуд буд. Ман пушаймон шудам, ки ба он ҷо рафтам. Вақте ки ман ба ҳаммом ворид шудам, бӯйи*

*хеле бадеро ҳис кардам, ки маро бемор кард".* Ӯ мехост баргардад, аммо хидматгор мегӯяд: *"Бубахшед, аммо ин бӯйи ҳаммом аст." Бо вуҷуди ин, ман ба ҳаммом даромада, биниамро сахт маҳкам кардам. Ҳолат дар ҳаммом, аз он чизе, ки ман интизор будам, бадтар буд. Пас аз омадан аз ҳаммом дар хона ду самовар об ҷӯшонида, баданамро шустам. Ва ба ин нигоҳ накарда, боз ду рӯзи дигар аз ман бӯйи бади ҳаммом намерафт».* [9, с.210]

Бо тавсиф кардани чунин ҳолат дар гармобаҳои шаҳри Хиваи Хоразм, нависанда мехоҳад, ки беҳунарии ин мардумро нишон диҳад. Вай шаҳрҳои кишварашро бо дигар шаҳрҳои пешрафтаи олам қиёс карда, мехост, ки ба мардуми кишвараш бефарҳангӣ, бесаводӣ ва қафомондагии онҳоро нишон диҳад ва бо ин роҳ ба онҳо такон бахшад. Мирзо Сироҷ орзу дошт, ки сарзамини муқаддаси аҷдодиаш ба монанди шаҳрҳои бузурги Аврупо инкишофу рушд меёбад.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳадафи Мирзо Сироҷ аз ба тафсил рӯйи коғаз оовардани сафарҳояш, махсусан, ҳаммомҳо ва дигар маконҳои маишӣ аз он сабаб аст, ки дилаш ба ҳоли Ватанаш ва ҳамшаҳриёнаш месӯхт, зеро онҳо дар як вазъи ногувор зиндагӣ мекарданд. Дар ин раванд ӯ худро ҳамчун як фарзанди масъули ватанаш медонад, ки бояд аз натиҷаҳои сафар, аз он дастовардҳое, ки халқи дигар кишварҳо дар натиҷаи омӯхтани илму дониш ба даст овардаанд, пешкаши ҳамватанонаш намояд, то хидмате ба халқу ватан карда бошад. Масалан, *"ин ходими миллат низ ба онон пайравӣ намуда, баъд аз он ҳама сафару саёҳати чандинсола иҷмоли саёҳати худро, ки бо таҷрубиёте, ки аз ин мусофиратҳо ҳосил намудаам, ба силки таҳрир дароварда, дарҷи ин маҷалла намуда, тақдими миллати худ намудаам".* [9, с.25]

Мирзо Сироҷи Ҳаким бино ба маълумоти худ аз Булғористон ба Маҷористон (Венгрия) сафар мекунад. Дар мавриди тавсиф намудани шаҳри Будапешт, ки аз васати он рӯди Дунай мегузарад, чунин меоварад: *"Бисёр шаҳри хуби босаффоест, касофат ҳеҷ дида намешавад. Тамоми кӯчаҳо ва хиёбонҳо пок ва назиф, ки аз рӯйи сангфарши кӯчаҳо вақти роҳ рафтан акси инсон маръӣ мегардад. Дар атрофи наҳри Туна (Дунай) қаҳвахонаҳо ва ҳотелҳо сохтаанд, ки назираш камтар дида мешавад, бисёр таъриф дорад. Ҳар рӯз тарафҳои аср мардуми шаҳр, ки аз касбу кори худ фориғ мешаванд, ҷиҳати сайру тамошо, ҳар кас бо дӯсту рафиқи худ меояд".* [9, с.54]

Бо тавсифи ин лаҳзаҳои нотакрори ҳаёти худ маорифпарвар мекӯшад ба ҳам тавъам доштани фарҳанг ва касбу ҳунарро нишон диҳад. Поку назиф будани кӯчаҳо натиҷаи босаводии мардум аст, босаводӣ

боиси ободии шаҳр, дар боғҳо истироҳат кардан пас аз кор натиҷаи соҳиби касбу кор будани мардум мебошад. Ин ҳама дар маҷмуъ, соҳиби фарҳанги баланд будани аҳолии шаҳр аст. Дониш, касбу кор, тозаю озода будан, ободонии шаҳрҳо ҳама ҷузъҳои фарҳанганд.

Инчунин, аз мутолиаи сафарномаи Мирзо Сироҷ бармеояд, ки китобхонаҳо, мактабҳо, театрҳо, осорхонаҳо ва боғҳои ҳайвонот дар шаҳрҳои Париж, Лондон, Берлин, Вена, Маскав ва Тифлис низ адиби маорифпарварри бухороиро ба ҳайрат оварда буданд. Муаллиф бо як ҳаяҷон китобхонаи Парижро чунин тавсиф мекунад: *«Китобхонае, ки биноҳояш нотакрор буданд, ба ситоиш ниёз надошт. Ин китобхона дорои якчанд ҳазор китобҳо бо забонҳои ҳамаи халқҳо буд. Дар ин ҷо метавон дастхатҳои илмӣ, китобҳои қадимаи ҳазорсолаҳоро дид, ки бисёре аз онҳо дар пӯст навишта шуда буданд, баъзе оятҳои Қуръон бо хатти арабӣ ва санаҳои таърихие, ки дар пӯст ва порчаҳо навишта шуда буданд. Ҳамаи ин номаҳо ва китобҳо дар каталогҳо ҷой дода шуда буданд, ки мувофиқи он шахс маводи зарурлро интихоб карда метавонист».*[9, с.86]

Бо ин навишта Мирзо Сироҷи Ҳаким мехоҳад бигӯяд, ки фаронсавиён ба хотири рушди илму фарҳанг китобхонаҳои бузургу аз ситоиш берунро ташкил намудаанд. Ба назари маорифпарвар дар он китобхона тамоми маводи илмию ҳунариро метавон пайдо кард ва баҳра бурд, ҳатто аз забону таърих ва фарҳанги дигар қавму миллатҳо, бавижа мардуми тоҷику форс, баҳраманд гашт.

Мирзо Сироҷ маорифро соҳаи афзалиятнок дар кишварҳои аврупоӣ меҳисобад. Хусусан, ҳангоми дар шаҳри Вена (пойтахти Австрия) будан, ӯро аҳли рӯзномаву китоб будани мардум ҳайратзада менамояд. Дар ин маврид менависад, ки *“тамоми мардуми ин шаҳр, хурду бузург, зану мард рӯзнома мехонанд. Ҳаррӯза чандин қисм газета дар мактабхонаҳои ин шаҳр чоп шуда мебароянд. Одами бекору бесавод умуман ёфт намешавад”.* [9, с.57]

Ё дар хусуси шаҳри Берлини Олмон чунин мегӯяд: *“Мардумони ин сарзамин, яъне миллати олмон ҳама ботарбия, боилм ва аҳли санъату камоланд. Осори ҷаҳлу беҳунарӣ аз ин шаҳр канора гирифта. Берлинро “Мадинатул-улум-вал-фунун” меноманд. Таҳсили ибтидоӣ иҷборӣ аст. Чандин ҳазор мактабу мадраса ва дорулфунун дорад, ки тамоми илму санъатро мешавад дар камоли осонӣ дар ин мактабу мадрасаҳо таҳсил намуд”.* [9, с.62]

Ба назари Мирзо Сироҷ дастовардҳое, ки олмониҳо дар соҳаи маориф доштанд, беназир буд. Мирзо Сироҷ мактабҳои ибтидоиро чунин тасвир мекунад: *“Ҳар мактаб чандин нафар муаллими дорои улум ва*

*чандин забон ва хат мебошад. Муаллими ҳар фан ҳам алоҳида аст. Масалан, муаллими риёзӣ, муаллими ҷуғрофӣ, муаллими саводу хат, муаллими ҳандаса, муаллими ҳуқуқ, муаллими ахлоқ. Ва мактаб ҳам чанд қисм аст: мактаби ҳарбӣ, тиббӣ, риёзӣ, тиҷоратӣ, саноат, ҳуқуқ, сиёсӣ ва дипломатӣ, мактаби киштиронӣ, мактаби маъданшиносӣ".* [9, с.65]

Маҳз Мирзо Сироҷ дар шаҳри Берлини Олмон бо ҳолати мактабҳо, шароити дарсхонӣ, устодони мактабҳо шинос мегардад ва бо як ҳасрат чунин менигорад: *"Банда вақте, ки ин вазъро мушоҳида намудам фавран ба хотирам мактабҳои худамон ва рӯйи бурё нишастану тахтаҳои касиф ва муаллимони бесаводи худнамо, ки мисли мири ғазаб бо атфол муомила мекарданд, расида беихтиёр ашки ҳасрату рашк аз дида рехта, гуфтам: Тфу бар ту эй чархи гардун тфу, ки мо илмро хор кардем, хор шудем".* [9, с.66]

Ҳангоми тавсифи театрҳо, Мирзо Сироҷ, пеш аз ҳама, ба кори кормандони театр, ки ӯро ба ваҷд оварда буданд, таваҷҷуҳ менамояд ва инчунин, маҳорати баланди санъати меъмории биноҳо ба ҳайрат меоваранд. Ӯ театре, ки дар шаҳри Берлин дида буд, чунин тасвир мекунад: *«Вақте ки ман ба театр дохил шудам, бисёр кормандон дар либоси махсус буданд, ки фавран сару либоси маро кашиданд ва дар долон рафтанд ва дар тахтаи сеюм ба маъмурияти театр чипта тақдим карданд ва пас аз он ба толор даромаданд. Аз ҷалоле, ки ман дидам, хеле ба ҳайрат афтодам, зеро дар ин ҳама садҳо марка сарф карда шуд, ки ин аз ситоиш нест... Бозии ҳунармандон низ сазовори ситоиш аст. Ҳунармандон рақсу сурудҳоро иҷро карданд. Онҳо манзараҳои гуногунро нишон доданд, ки тамошобинонро хушнуд намуданд».* [9, с.74-75]

Ё ин ки дар ҷойи дигар ӯ дар бораи театри шаҳри Вена чунин мегӯяд: *«Бо либоси сиёҳ пӯшида, ки дар Фаронса ҷузъи либоси махсуси театр ҳисоб мешавад, ман ба театр рафтам. Ин як театри азиме буд. Онҳо мегӯянд, ки арзиши театр чанд миллион аст. Якчанд ҳазор нафар тамошобинон мардон, занон ва либосҳои зебо, дар паси якдигар нишастаанд. Лампаҳои электрикӣ дурахшон месӯзанд, актрисаҳо, зебо ва оқилона либос пӯшида, меҳмононро салом медиҳанд. Дар даромадгоҳ якчанд кормандон буданд, дар тан либоси тиллоӣ ва сарпӯши дорои рамзҳо доштанд, ки либосҳо, пойафзолҳо, чатрҳоро аз меҳмонон гирифта, дар деворҳо овехта будан».* [9, с.65-66]

Мирзо Сироҷ дар баробари тасвир намудани театрҳои кишварҳои аврупоӣ чунин таъкид менамояд, ки тамошои як спектакл, ё будан дар намоиши театрӣ баробари хондани як асари бадеӣ аст. Инчунин, ӯ қайд мекунад, ки ба театр рафтан низ бояд шахс либосҳои махсус аз бар кунад.

Ӯ бо як ҳасрат орзу мекунад, ки дар ватанаш- Бухоро низ бояд китобхонаҳо ва театрҳо кушода шаванд, ки ба ташаккули фарҳанги китобхонӣ ва зебоипарастии мардум мусоидат намоянд.

Воқеан, ҳар як маълумоте, ки маорифпарвар дар борои дастовардҳои илмӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо, мактабҳо, театрҳо, осорхонаҳои кишварҳои пешрафта медиҳад, ифодакунандаи намуна аз дастовардҳои илмию техникӣ маҳсуб меёбанд. Бавижа, осорхонаро таърихи зиндаи ҳар як халқ, ёддошти таърихӣ барои наслҳои оянда ҳисобидани маорифпарвар гувоҳӣ аз ҳастии ҳамон миллат медиҳад.

Касби табибӣ дигар соҳаи муҳимме буд, ки Мирзо Сироҷ дар асараш мақоми хосса доштанашро дар ҷомеа зикр медорад, чунки табиб ҳимоятгар ва барқароркунандаи саломатии инсонҳо ва солим нигоҳдорандаи аҳли ҷомеа маҳсуб меёфт. Мирзо Сироҷ худ табиб буд дар рафти сафарҳояш ба ин касби пуршараф аҳаммияти махсус медод. Ӯ тайи сафарҳо барои шинос шудан бо дастовардҳои назарраси илмӣ-фарҳангӣ ба беморхонаҳо ташриф меоварад. Аз мутахассисон ва табибони ҳозиқ тарзҳои табобати беморонро пурсон мешавад ва аз таҷрибаи табибони ин шаҳрҳо огоҳ мегардад ва мекӯшад, ки роҳҳоеро ҷуста барояд, ки дар Бухоро ин соҳа рушд карда, беморонро табибони соҳавӣ табобат намоянд. Табобати беморон аз ҷониби духонону сеҳру ҷодгарон барҳам дода шавад.

Дар баробари соҳаҳо ва шуғлҳои дар боло зикршуда, инчунин, шуғли обёрӣ ва пешрафтҳо дар системаи обёрӣ дар кишварҳои пешрафта таваҷҷуҳи Мирзо Сироҷро ба худ ҷалб карда буд. Баъди ошноӣ аз дастовардҳои соҳавии кишварҳои пешрафта, маорифпарвар зикр мекунад, ки дар аморати Бухоро низ заминҳои обёришаванда, обҳои мусаффо, чашмасорҳо, обҳои шифобахш ва ғайра мавҷуданд. Танҳо мутахассис зарур аст, ки тарзи коркард ва ба истифода додани сарватҳои табииро дар ҳаёти воқеӣ амалӣ гардонад.

Аз таҳлили афкори маорифпарвар маълум мешавад, ки ӯ дар навиштаҳояш ду шакли тарзи ҳаёт: пешрафта ва ақибмондаро тасвир менамояд. Масалан, ӯ ҳолати зиндагии мардумони кишварҳои рушдкарда, хусусан муҳоҷирони русро, ки дар наздикии Бухоро зиндагӣ мекарданд ва ҳолати зиндагии аҳолии ба истилоҳ мусалмононе, ки дар роҳи Фарғона ва Алмаато зиндагӣ доштанд, муқоиса намуда, қайд мекунад, ки минтақаҳое, ки дар зери тасарруфи русҳо даромада буданд, пешрафт намудаанд ва дар он ҷойҳое, ки мардуми маҳаллӣ зиндагӣ мекунанд, дар ҳоли ақибмондагӣ қарор доранд. Чунончи ӯ менависад: «Дар паҳлуи Хӯқанд русҳо шаҳри тоза ба таври дилхоҳи худашон, мутобиқи нақшаи плони ҷадид сохтаанд. Ҳолия аксари имороти онро аз

рӯйи плон ба тарҳи Аврупо сохтаанд. Шаҳри тозае, ки русон сохтаанд, бисёр шаҳри муаззами обод аст. Имороти он хубу олӣ, тамоми хиёбонҳои шаҳр мушаҷҷар (дарахтзор) ва сабзу хуррам аст. Дар тамоми шаҳр чароғи барқ ва телефон доир намудаанд. Шабҳо ҳам мисли шаҳрҳои Аврупо чун рӯз равшан аст». [9, с.4-6]

Ҳамин тавр, Мирзо Сироҷи Ҳаким рушди илму мориф, хусусан, омӯзиши илмҳои замонавӣ ва касбазхудкунии аҳолии қишрҳои гуногуни аморати Бухороро омили асосии маърифатнок кардан ва заминаи асосии ташаккули фарҳанги иқтисодӣ меҳисобад. Тавсифи дастоварду муваффақиятҳое, ки маорифпарвар ҳангоми боздид аз кишварҳои пешрафта манзури хонанда мегардонад, дорои ду ҷанба аст: аввал, нишон додани мақому манзалати илму ҳунар ва қадр кардани онҳо аз ҷониби мардуми кишварҳои мутараққӣ ва дуюм, талқин намудани аҳолии кишвар ҷиҳати таваҷҷуҳ додан ба омӯзиши илмҳои замонавӣ ва касбу ҳунарҳои зарурӣ ва бо ин васила ворид кардани ислоҳот дар низоми идоракунии аморати Бухоро мебошад.

Вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир, таъсири ҷаҳонишавӣ ва бархӯрду гуфтугӯйи тамаддунҳо имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудоинопазири ҷомеаи башарӣ низоми таҳсилот ва вусъатбахшии шуғли пурмаҳсулро дар доираи ба асос гирифтани арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, ки ба талабот ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, ба роҳ монда, сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ худро ба таъмин кардани рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, беҳбудӣ бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солиму бомаърифат ва соҳибкасб равона кардааст, ки муваффақиятҳои бадастоварда хеле назаррас мебошанд. Дурнамои рушди он бошад, мардумро барои расидан ба зиндагии шоиста раҳнамун месозад.

## АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт. Ҷ.10. – Душанбе, 1996. - 343с.

2. Ашӯров Ғ. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав. Китоби «Ҷашнномаи Айнӣ (Ҷилди X )». - Д., 2003. - С. 10-11.

3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] /*А.Дониш*. - Душанбе, 1988.- Кит. 1. - 287с.

4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] /*А.Дониш*. - Душанбе, 1989. - Кит. 2. - 344с.

5. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития [Матн] /*А.Дониш.* - Душанбе, 1992. - 98с.

6. Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ//Тр. Тадж. Базы АН СССР, 1936. – Т3: Лингвистика. - С.9-28.

7. Боқиев Ҳ. Саромаде дар тамаддуни навин. - Душанбе, 2019. - С. 8.

8. Девонақулов А. Аҳмади Дониш мураббии инсон/Наводир-ул-вақоеъ, китоби 2. – Душанбе: Дониш, 1989. - 344с.

9. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро [Матн] / Ҳаким М.С. – Душанбе: Адиб, 1992. - 272 с.

10. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш. - Душанбе, 1967 - 156с.

# ИЗУЧЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ НАУК И ПРОПАГАНДА ПРОФЕССИОНАЛНЫХ НАВЫКОВ КАК КЛЮЧЕВЫЕ ВОПРОСЫ ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-РЕФОРМАТОРСКОГО УЧЕНИЯ МИРЗО СИРОДЖИ ХАКИМА

**САМИЕВ БОБО ДЖУРАЕВИЧ,**

д.ф.н., профессор кафедры философии и культурологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни,

734003, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121;

тел.: (+992) 918-67-01-43; e-mail: samiev.veshab@mail. ru

*Понятие “происветительство” происходит от корня слова «просвещение» и во множественном числе означает «знание» признание, познание, понимание и видение. В частности, так считал Мирзо Сироджи Хаким, один из известных таджикских просветителей, продолжатель и пропагандист идей социальных реформ Ахмада Дониша. В его общественно-политическом и просветительско-реформаторском учениях проблема научного изучения и освоения профессий считается одной из ключевых тем, которую мыслитель считает главным источником прогресса и перспективы развития общества. Потому что люди науки, профессий и ремесел являются лидерами общества, регуляторами общественных отношений, они вносят большой вклад в благосостояние людей, повышение уровня и улучшения качества жизни, развитие жилищной культуры, экономики и сельского хозяйства и т.д.*

*Поэтому в данной статье автор пытается на основе его ценного труда «Дар народа Бухары» проанализировать и сопоставить просветительско-реформаторское мнение Мирза Сироджа Хакима, и показать место изучения современных наук и освоения профессий и ремесел, что является основой развития общества в его учении. В частности, проанализировать и*

*рассмотреть тенденции мысли ппросветителя в рамках двух направлений: традиционализма и новаторства.*

***Ключевые слова:*** *человек, общество, общественные отношения, наука, образование, воспитание, реформизм, традиционализм, инновации, социальные изменения, прогресс, регресс и др.*

**THE STUDYING MODERN SCIENCES AND PROPAGANDA OF PROFESSIONAL EXERCISES ASA KEY ISSUES OF EDUCATIONAL REFORMATORY TEACHING OF MIRZO SIROJI HAKIM**

**SAMIEV BOBO JURAEVICH**,
Doctor of philosophy, professor of the Department of Philosophy of
the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave 121;
tel.: (+992) 918-67-01-43: e-mail: samiev.veshab@mail. ru,

*The concept of "enlightenment" comes from the root of the word "education" in the plural "knowledge" and means knowledge, recognition, cognition, understanding and vision. In particular, Mirzo Siroji Hakim is one of the famous Tajik enlighteners, a continuer and propagandist of the ideas of social reforms of Ahmad Donish. In his socio-political and enlightenment-reformist teachings, the problem of scientific study and mastering of profession is considered one of the key topics, which the thinker considers as the main source of progress and prospects for the development of society. Because people of science, professions and crafts are leaders of society, regulators of social relations, they make a great contribution to the welfare of people, improvement of the level and quality of life, development of housing culture, economy and agriculture, etc.*

*Therefore, in this article the author tries on the basis of his valuable work "The Gift of the People of Bukhara" to analyze and compare the enlightenment-reformist opinion of Mirzo Siroj Hakim, and show the place of studying modern sciences and mastering the professions and crafts, which is the basis for the development of society in his teachings. In particular, to analyze and consider the tendencies of the enlightener's thought within the framework of two directions: traditionalism and innovation.*

***Keywords:*** *person, society, social relations, science, education, upbringing, reformism, traditionalism, innovation, social change, progress, regression and etc.*

**УДК:17**

# О ПРОБЛЕМАХ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ДОСТОИНСТВА В СОЦИАЛЬНО-АНТРОПОЛОГИЧЕСКИХ УЧЕНИЯХ ЭПОХИ ЕВРОПЕЙСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ

**МИРЗОШОХРУХ АСРОРИ,**
кандидат философских наук, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Н. Карабаева 54/2;
тел: (+992) 918 62 92 33; e-mail: asrori53@mail.ru

*В данной работе автор анализирует вопрос о различии между современной парадигмой человеческого достоинства и традиционной парадигмой человеческого достоинства, характерной для предыдущих исторических периодов. Современные учёные отмечают, что принятие международных документов по правам человека, указывающих на неотъемлемый характер человеческого достоинства, его развития и значимые роли ведущих учёных эпохи Просвещения для развития этой концепци, имеют большую значимасть.*

*В статье проанализированы основные позиции философов эпохи Просвещения – Джона Локка, Жан-Жака Руссо, Ж. Кондорсэ, Ш. Монтескьё по проблемам человеческого достоинства.*

*Рассмотрение исторического развития понятия человеческого достоинства в работах философов эпохи Просвещения показало, что без опоры на историю, вне всяких сомнений, невозможно было бы выработать ту модель мышления о человеческом достоинстве, которая представлена в современной парадигме.*

***Ключевые слова:*** *человеческое достоинство, эпоха Просвещения, философия, теория, концепция, общество, рациональность, Дидро, Локк, Руссо, Кондорсэ, Монтескьё.*

Современная идея человеческого достоинства, несомненно, является отражением влияния различных исторических эпох, которые особенно ярко проявились в развитии этой идеи. В этой статье на основе анализа социальных теорий проводится различие между современной парадигмой человеческого достоинства и традиционной парадигмой человеческого достоинства, характерной для предыдущих исторических периодов. В новейшей литературе высказывается мнение, что принятие международных

документов по правам человека, указывающих на неотъемлемый характер человеческого достоинства, является началом новой эпохи в развитии концепции человеческого достоинства, где подчеркивается значимость эпохи Просвещения для развития этой концепции.

Вместе с тем показано, что современная парадигма человеческого достоинства проложила свой собственный путь, отойдя от идей Просвещения о достоинстве человека. Ряд авторов проанализировали различные этапы современного развития, источники и идеи человеческого достоинства. Профессор Р.К. Мигель [1. 281-299], например, различает теологические и естественные источники достоинства. Другой профессор Дж. Доннелли [2. 336] ссылаясь на М. Мейера [3. 195-207], выделяет три значения достоинства (социальное достоинство, добродетельное достоинства, человеческое достоинство), поскольку они преобладали с момента развития античного, средневекового, раннего западного и вплоть до наших дней обществ. Кроме того, М. Лебех [4. 59-69] выделяет четыре этапа в развитии идеи человеческого достоинства: 1) космоцентрическая структура античного периода (объясняющая достоинство человека на основе природы); 2) христоцентрическая структура (объясняющая достоинство человека в связи с Иисусом Христом, в смысле теории Фомы Аквинского); 3) логоцентрическая структура современного мира (объясняющая человеческое достоинство как дань разуму, о которой говорил И. Кант); 4) полицентрическая структура постмодерна, которая объясняет человеческое достоинство в связи с социальной приемлемостью и социальным конструктивизмом. В любом случае все эти исследователи отмечают, что главная проблема концепции человеческого достоинства заключается в том, что нет четкого объяснения ее источника. Как объясняет М. Розен [5. 200], исторические явления редко имеют единый источник, так же обстоит дело и с достоинством. В то же время каждый исторический период имеет значение для понимания этого понятия.

Здесь необходимо отметить, что главными представителями эпохи Просвещения были Дж. Локк, Дж. Коллинз, Дж. Толанд (в Англии, где оно зародилось); Ж.Ж. Руссо, Вольтер, П.А. Гольбах, Д.Дидро (во Франции, где оно достигло высшего расцвета); Г.Э. Лессинг, Ф. Шиллер, И.Г. Гердер (в Германии); Б. Франклин, Т. Пейн, Т. Джеферсон (в США) и др., и концепция договорного соглашения было в центре внимания многих из этих философов, где затрагивался и вопрос о достоинстве человека. В эпоху Просвещения наряду с такими понятиями, как равенство, свобода и общественный договор, велись также поиски путей создания универсальной науки и культуры, основанных на разуме человека, на его достоинстве. Начало этому периоду, когда новое прорастает в старом,

положил Джон Локк. Эпоха Просвещения утверждалась одними философами и критиковалась другими. Так, если Локк выступает за утверждение эпохи Просвещения, хотя и желает определенных преобразований, то Жан-Жак Руссо считает, что преобразования, пережитые просвещенным человеком, достигли того уровня, который не может быть утвержден, и критикует просвещенческое сознание. Эти взгляды, как правило, объясняли природу человека, исходя из истины, лежащей вне человека. Эта идея, начавшая разрушаться с Гоббса, становится яснее с Локком и Руссо. Поскольку век Просвещения выдвинул на первый план такие взгляды, как возможность властвовать над миром, выход человека за рамки законов природы, частная собственность стала рассматриваться все лучше и лучше. Наряду с этим возникли различные взгляды на вопрос о достоинстве человека. Рассмотрим идеи некоторых из этих философов.

Концепция природы человека и общества Джона Локка (1632-1704) является важным поворотным пунктом в истории мысли. Отличие выводов Локка заключается в его уникальном индуктивном методе, который он разработал в качестве атаки на идею о том, что люди рождаются с врожденными идеями и теориями об априорном знании. В этом контексте Локк развивает новое понимание, особенно в противовес эмпирическому материализму Гоббса и Гассенди. Взгляды Локка о природе человека подробно рассмотрены в его книге «Мысли о воспитании», представляющей собой сборник писем, которые он написал своему близкому другу Эдварду Клэрку из Чипли, члену парламента от графства Оммерсет, чтобы советоваться с ним по поводу воспитания своих детей. Локк начинает с определения долга человека в этом мире. Он считает, что неизбежный долг каждого человека - служить своей стране, а без этого нет разницы между человеком и скотом. Локк, возлагающий на человека такую миссию, считает, что она может быть выполнена только через воспитание детей, и возлагает наибольшую ответственность на родителей: «Ибо, если люди этого ранга однажды поставлены воспитанием на верный путь, они быстро приведут в порядок все остальное» [6. 411]. Таким образом, Локк считает, что «некоторые», нашедшие правильный путь, приведут в соответствие с ним других - на правильный путь.

Такое понимание - идея, идущая со времен Платона. Это связано с тем, что неоднократно высказывалась мысль о превосходстве одних людей над другими - будь то со ссылкой на природу или на Бога - и о том, что они могут управлять, властвовать, воспитывать или указывать правильный путь. По мнению Локка, как и многих других мыслителей, человек - существо социальное, также, как и то, что человек существует с теми

